Дар рӯзҳои мо масъалае, ки Китоби Муқаддас дар бораи Ҷамоат чӣ мегӯяд, бо қудрати нав бархостааст. Одамоне, ки мақсади ҳаёташонро дар фаҳмидани хости Худо барои худ мебинанд, бо ин масъала ҷиддӣ машғуланд. Дар айни ҳол яке аз муҳимтарин соҳаҳои дарк намудани хости Худо Ҷамоат мебошад. Курси мазкур кӯшиш мекунад, ки ба маҷмӯи саволҳои конкретӣ ҷавобҳои аниқу фаҳмо диҳад.

Уилям Макдоналд, муаллифи бисёр курсҳои мактаби ғоибонаи “Аммоус” дар ин курс масъалаву қоидаҳои асосии Ҷамоати илоҳиро тасвир мекунад. Ӯ дар тадқиқоти худ ба оятҳои Китоби Муқаддас такя намуда, ҳама гуна иловаҳои одамиро, ки дар Навиштаҷот асос наёфтаанд, рад менамояд.

Ин курси рӯҳониро аз сидқи дил ва бо хурсандӣ пешкаши шумо мекунем. Таманнои онро дорем, ки фикрронихо оиди мавзӯъ ба хонанда барои аниқтар фаҳмидани чӣ будани Ҷамоати Офаридгор ёрӣ расонанд ва агар мо ба Худованд итоаткор будан хоҳем, фаҳмида тавонем, ки фармудаи Ӯ имрӯз барои мо чист.

ДАРСИ ЯКУМ

# Ҷамоат Бадани Масеҳ аст

“Масеҳ ба ҷамоат муҳаббат дошт ва Худро барои он таслим намуд”. Мо ҳам бояд мисли Масеҳ ба Ҷамоат бовафо бошем, худро барои он дар муҳаббат, хизмати хушнудонаву фидокорона фидо кунем, то Ҷамоат дар рӯи замин равнақу ривоҷ ёбад, шукуфон бошад ва ғалабаҳо ба даст оварад.

Дар ин китоб баъзе аз муҳимтарин қоидаҳои Аҳди Нав таҳлил мешаванд, ки хусусият ва сифатҳои Ҷамоатро чун Бадани Масеҳ муайян мекунанд. Мавзӯъ бо тартиби зерин баён мешавад: аввал сухан дар бораи қоидаҳои бузург ва тағйирнаёбандаи Ҷамоати ҷаҳонӣ меравад, сипас онҳо дар мувофиқат бо ҷамоатҳои маҳаллӣ аз назар гузаронида мешаванд, ки аъзоёнаш бояд дар бораи ин қоидаҳо бо ҳаёт ва хизмати худ шаҳодат диҳанд.

Бояд аз худи аввал қайд намуд, ки мавқеи Ҷамоат ба он вобаста аст, ки оё масеҳиёни ба он дохилбуда шаҳодати зиндаи Ҳақиқатанд ё не? Мо дар ин китоб борҳо ба ин тасдиқот хоҳем баргашт.

## Ҷамоат чист?

Калимаи **Ҷамоат** дар Аҳди Нав тарҷимаи калимаи þнонии ***екклесиа*** (калисо) буда, маънояш “гурӯҳи даъватшудагон”, “ҷамъомад” мебошад. Дар китоби Аъмол Истефанус дар бораи Ҷамоат ҳамчун “ҷамъомад дар биёбон” мегӯяд (Аъмол 7:38); дар дигар ҷои Аъмол сухан дар бораи “ҷамъомадагон” меравад (Аъмол 7:38), вале калимаи ***екклесиа*** дар Аҳди Нав бештар ба маънои “ба Худованд Исои Масеҳ имон доштагон” меояд. Ҳамчунин Павлуси Ҳаввории дар бораи “**Ҷамоати** Худо, ки Ӯ бо Хуни Худ харидааст”, сухан меронад (Аъмол 20:28). Ӯ дар нома ба •ӯринтиён тамоми ҷаҳонро ба яҳудиён, юнониҳо ва **Ҷамоати** Худо тақсим мекунад (1Қӯринтиён 10:32). Ҳангоми нақли худ, ки чӣ тавр ӯ пеш аз ба Худованд рӯ оварданаш масеҳиёнро таъқиб

мекард, Павлус онҳоро “**Ҷамоати** Худо” меномад (1Қӯринтиён 15:9).

Одатан дар бораи Ҷамоат на ҳамчун ташкилот ё муассиса (яъне сохти беҷон), балки ҳамчун организми зинда сухан меронанд. Ҷамоат – бародарии одамони дар Масеҳ зиндагӣ мекарда, ки ба воситаи Рӯҳи Муқаддас муттаҳид гаштаанд, иттифоқ ва дӯстии бародаронест, ки дар он расмиятпарастӣ ҷо надорад.

Дар Аҳди Нав барои тасвир намудани Ҷамоат рамзҳои гуногун истифода бурда шудааст. Барои хубтар фаҳмидани Ҷамоат мо бояд онҳоро муфассал дида бароем.

1. **Як рама** (Юҳанно 10:16). Ибриён ба “ин оғил” (халқи Исроил) таааллуқ доранд, Ҷамоат бошад тамоми рама аст. Масеҳ дар Юҳанно 10:16 мегӯяд: “Ман гӯсфандони дигар низ дорам, ки аз ин оғил нестанд ва онҳоро низ бояд оварам: онҳо низ овози Маро хоҳанд шунид ва як рамаю як Чӯпон хоҳанд шуд”. Рамзи рамаи гӯсфандон пеши назари мо масеҳиёнеро тасвир мекунад, ки таҳти ғамхории бомуҳаббату меҳрубононаи Чӯпон зиндагӣ мекунанд. Онҳо овози Ӯро мешунаванд ва аз пайи вай мераванд.

2. **Киштзори Худо** (1Қӯринтиён 3:9). Ҷамоат замини Худованд аст, ки Ӯ мехоҳад дар он ба хотири Ҷалоли Худ ҳосил рӯёнад. Ҳамин тариқ мавзӯи ҳосилот ва бороварӣ бармеояд.

3. **Иморати Худо** (1Қӯринтиён 3:9). Ин рамз ба мо Худовандро ҳамчун меъмор тасвир мекунад, ки хиштҳои зиндаро дар бинои Ҷамоат яке паи дигар мегузорад. Бисёр муҳим аст, ки мо ба ин сохтмон, ки Ӯ ба он шавқ дорад, ҳаётамонро бубахшем.

4. **Хонаи Худо** (1Қӯринтиён 3:16). Рамзи Хонаи Худо ба мо саҷдаву ибодатро тасвир намуда хотиррасон мекунад, ки Худованд танҳо саҷдаи аъзоёни Ҷамоаташро қабул мекунад.

5. **Бадани Масеҳ** (Эфсӯсиён 1:22,23). Бадан ба одам имконият медиҳад, ки худро зоҳиран, ба таври ҷисмонӣ зоҳир намояд. Бадани Масеҳ низ Худовандро ба ҷаҳон аён мекунад. Имондор инро сарфаҳм рафта, нисбати мафҳуми Ҷамоат камаҳамиятӣ намекунад, балки худро пурра ба манфиатҳои Бадани Масеҳ мебахшад.

6. **Одами нав** (Эфсӯсиён 2:15). Дар ин рамз муҳимаш офаридаи нав мебошад. Худованд дар Ҷамоат фарқияти байни яҳудиён ва дигар халқҳоро барҳам дода, аз онҳо "одами нав" офарид.

7. **Иқоматгоҳи Худо** (Эфсӯсиён 2:22). Рамзи мазкур мегӯяд, ки Худованд дар бинои муайян, хайма ё хона, чӣ тавре ки дар замонҳои Аҳди Қадим буд, зиндагӣ намекунад, балки дар ҷамъомадҳои имондорон (Ҷамоат) ҳузур дорад.

8. **Арӯси Масеҳ** (Эфсӯсиён 5:25-27; 2Қӯринтиён 11:2). Ин рамз ғояи муҳаббатро меомӯзонад. "Эй шавҳарон, занони худро дӯст доред, чунон ки Масеҳ низ ба Ҷамоат муҳаббат дошт ва Худро аз барои он таслим намуд, то ки онро бо ғусли об пок карда, ба воситаи сухан пок намояд ва ба ҳузури Худ Ҷамоатро дар ҷалоле тақдим кунад, ки на доғе дошта бошад, на нуқсоне, на чизе монанди ин, балки муқаддас ва беайб бошад" (Эфсӯсиён 5:25-27). Аз ин ҷо аён мегардад, ки чун Масеҳ Ҷамоатро дӯст дошта Худро барои он қурбон намуд, пас Ҷамоат низ бояд ба Масеҳ ҳамон ҳиссиётҳоеро, ки арӯс ба шавҳаршавандаи худ дорост, дошта бошад.

9. **Хонаводаи Худо** (1Тимотиюс 3:15). Рамзи хонавода, рӯзғори хона, тартибу интизомро дар назар дорад. "...Туро лозим аст бидонӣ, ки чӣ гуна дар хонаи Худо рафтор намоӣ..." (1Тимотиюс 3:15). Оид ба интизом дар 1Петрус 4:17 гуфта мешавад: "Вақти он расидааст, ки доварӣ аз хонаи Худо оғоз шавад".

10. **Сутун ва бунёди ростӣ** (1Тимотиюс 3:15). Дар замонҳои қадим сутунҳо на танҳо биноро дастгирӣ мекарданд, балки

инчунин дар онҳо фармону мурочиатҳоеро устувор мекарданд, ки ягон чизи муҳимеро баён менамуданд. Калимаи “бунёд” дар ин ҷо бо асос, таҳкурсӣ монанд карда мешавад. Ҳамин тариқ, Ҷамоат ҳақиқати Худоро эълон, дастгирӣ ва муҳофизат менамояд. Агар масеҳиён ба Худо мақбул омадан ва ба Ӯ хизмат намудан хоҳанд, бояд барои афзун шудани Ҷамоат ва рӯҳан комил шудани он тамоми қувваро ба кор андозанд.

## Вазифаи Ҷамоат

Имрӯзҳо бисёр касон аз меҳнат дар ҷамоат канораҷӯӣ намуда баён мекунанд, ки вазифаи онҳо хушхабар расондан аст. Онҳо бояд дар ёд дошта бошанд, ки хизмати Павлуси Ҳаввории ду тараф дошт. Ба ӯ файз бахшида шуда буд, ки: 1) “Сарвати бемисоли Масеҳро ба халқҳо расонад” ва инчунин 2) “ба ҳама равшан намояд, ки сирри хонасозӣ аз чӣ иборат аст”, яъне онҳоро бо ҳақиқатҳои бузурги Ҷамоат шиносонад (Эфсӯсиён 3:8,9).

## Пайдоиши Ҷамоат

Оид ба вақти пайдоиши Ҷамоат ақидаҳои гуногун мавҷуданд. Якеҳо онро ворисии рӯҳонии халқи Исроил мешуморанд, дигарон бошанд боварии қатъӣ доранд, ки Ҷамоат дар замонҳои Аҳди Қадим вуҷуд надошт, балки танҳо бо пайдоиши Аҳди Нав ба вуҷуд омад. Ба тарафдории нуқтаи назари дуюм далелҳои зерин овардан мумкин аст:

**а.** Павлус дар Эфсӯсиён 3:4,5 дар бораи Ҷамоат ҳамчун сирри Масеҳ менависад, ки “он дар наслҳои пешина ба банӣ-одам маълум нашуда буд, чунон ки ҳоло ба ҳаввориён ва пайғамбарони Ӯ ба воситаи Рӯҳи Муқаддас ошкор шудааст”. Дар ояти 9 ӯ боз дар бораи Ҷамоат ҳамчун “сирре, ки аз азал дар Худо ниҳон буд”, сухан меронад (инчунин ба Қӯлассиён 1:26; Румиён 14:24-26 нигаред). Ҷамоат сирре буд, ки Худованд

дар замонҳои Аҳди Қадим, то пайдо шудани ҳаввориён ва пайғамбарони Аҳди Нав ниҳон медошт.

**б.** Исои Масеҳ дар Матто 16:18 мегӯяд: “Бар ин сахра Ман Ҷамоати Худро бино мекунам”. Аз ин бармеояд, ки ҳангоми ин суханонро баён намудани Масеҳ Ҷамоат ҳоло вуҷуд надошт, балки пешбинӣ шуда буд.

**в.** Павлус дар Эфсӯсиён 4:8-11 қайд мекунад, ки танҳо Масеҳи дубора зинда гардидаву ба осмон рафта ба Ҷамоат бахшоишҳои рӯҳонӣ дод. Агар Ҷамоат то ба осмон рафтани Масеҳ вуҷуд медошт, бахшоиши насиҳат доданро аллакай доро мебуд.

Мо чунин мешуморем, ки Ҷамоат на танҳо дар замонҳои Аҳди Нав, балки боз ҳам аниқтараш, дар рӯзи Пантикост пайдо шуд.

а. Бадани Масеҳ дар натиҷаи ғӯта бо Рӯҳи Муқаддас пайдо шуд (1Қӯринтиён 12:13) ва мо аниқ медонем, ки ин кай ба вуҷуд омад.

б. Худованд пеш аз ба осмон боло рафтанаш ба ҳаввориён ваъда дода гуфт: “Зеро ки Яҳё бо об ғӯта медод, лекин шумо баъд аз чанд рӯз бо Рӯҳи Муқаддас ғӯта хоҳед ёфт” (Аъмол 1:5).

в. Вақте ки рӯзи Пантикост фаро расид, “ҳамаашон аз Рӯҳи Муқаддас пур шуданд ва чун Рӯҳ ба онҳо қудрати гуфтор бахшид, ба забонҳои дигар-дигар ба сухан гуфтан шурӯъ карданд” (Аъмол 2:4).

г. Дар Аъмол 5:11 гуфта мешавад, ки “тамоми аҳли ҷамоат ба ҳароси азиме афтоданд”. Аз ин суханон бармеояд, ки дар он вақт Ҷамоат аллакай вуҷуд дошт.

Ҳамин тариқ муайян кардан мумкин аст, ки Ҷамоат дар рӯзи иди Пантикост таваллуд шуд.

ДАРСИ ДУЮМ

# Ҳақиқатҳои бузург оиди Ҷамоат

Китоби Аъмол ва Номаҳо оид ба Ҷамоати Худо бисёр ҳақиқатҳои бузург дорад. Мо ҳафттои аз ҳама муҳимтарашро, ки баъдтар боз муфассал дида мебароем, номбар мекунем.

## Танҳо як бадан

Мувофиқи Эфсӯсиён 4:4 танҳо як Ҷамоати Худо вуҷуд дорад. Бо вуҷуди ҳама вазъиятҳои беруна, ки шояд ба ин мухолиф намоянд, ҳоло аз нуқтаи назари Худо танҳо як Бадани Масеҳ – имондорони рӯи замин вуҷуд дорад. Ин Ҷамоат ба назари одам дар ҳама пуррагиаш аён нест, вале ба воситаи Рӯҳи Муқаддас ба ягонагии комил муттаҳид мегардад.

## Масеҳ – Сари Бадан

Павлус монандӣ бо бадани одамро истифода бурда (Эфсӯсиён 5:23; Қӯлассиён 1:18), таълим медиҳад, ки Масеҳ чун Сар дар осмон, Бадани Худро дар замин идора мекунад. Сар – ҳокимият, роҳбарият ва ақлро ифода мекунад. Сару бадан як ҳаёт, як хел шавқу ҳавас ва як оянда доранд. Чӣ тавре ки сар бе бадан буда наметавонад, ҳамон тавр низ Масеҳ бе Ҷамоат. Мо дар Эфсӯсиён 1:23 мехонем, ки Ҷамоат ҳамчун Бадани Масеҳ "пуррагии Ӯст, ки ҳама чизро дар ҳама пур мекунад" ва ин ҳақиқат имондорро ба ваҷду эҳтиром наоварда наметавонад.

## Ҳама имондорон – узвҳои Баданананд

Вақте одам наҷот меёбад, ҳамон лаҳза ба Ҷамоат ворид шуда аъзои он мегардад (Аъмол 2:47). Ин ба наæод, ранги пӯст, миллат, забон, маданият, феъл, аҳволи иҷтимоӣ ва равия вобастагӣ надорад. Павлус дар 1Қӯринтиён 12:12-26, ки порчаи машҳури

Китоби Муқаддас оиди Бадани Масеҳ мебошад, ба мо хотиррасон мекунад, ки бадан узвҳои зиёд дорад (12-14); Ҳар як узв вазифаи хоси худро иҷро мекунад (15-17); Ҳама узвҳо вазифаҳои гуногун доранд (19); Саломатии бадан ба дурустии фаъолияти узвҳои он вобастагӣ дорад (21-23); Ҳамаи узвҳо мӯҳтоҷи якдигаранд, бинобар ин, аз яктараф барои ҳасад ва норозигӣ, ва аз тарафи дигар барои худпарастӣ ё ҳавобаландӣ сабаб вуҷуд надорад (15-17); Ҳамаи онҳо узвҳои як бадананд ва аз ҳамин сабаб ғамхорӣ, мусибат ва хурсандии умумӣ доранд (23-26).

## Рӯҳи Муқаддас Намояндаи Масеҳ дар Ҷамоат аст

Вақте Масеҳ ба осмон боло рафт, ба ҷои Худ ба замин Рӯҳи Муқаддасро фиристод (Юҳанно 14:16,26). Рӯҳи Муқаддас дар Ҷамоат: масеҳиёнро дар ибодат ба Худо роҳбарӣ мекунад (Эфсӯсиён 2:18); дуоҳои онҳоро илҳом мебахшад (Румиён 8:26,27); ба насиҳатдиҳии онҳо қувват медиҳад (1Таслӯникиён 1:5); фаъолияти онҳоро роҳнамоӣ мекунад: ба чизе ҳавасманд мекунад (Аъмол 13:2), ё ба чизе роҳ намедиҳад (Аъмол 16:6,7); роҳбарони Ҷамоатро таъин мекунад (Аъмол 20:28); қобилиятҳое мебахшад, ки ба ташаккул ва таъсири Ҷамоат мусоидат мекунанд (Эфсӯсиён 4:11); имондоронро ба "тамоми ростӣ" ҳидоят мекунад (Юҳанно 16:13).

## Ҷамоати Худо муқаддас аст

Худованд ҳама миллатҳоро ба як халқ ба номи Худ ҷамъ мекунад. Ӯ ин халкро аз дунёи боқимондаи пургуноҳ ҷудо мекунад, то он ба Ӯ муқаддасии ҳаёти худро аён намояд (1Қӯринтиён 3:17). Танҳо ба ҳамин тариқ Ҷамоат метавонад Худои Муқаддасро дар атрофи расвогардида намояндагӣ кунад.

# Барои равнақу ривоҷи Ҷамоат бахшоишҳо мавҷуданд

Худованд мехоҳад, ки Ҷамоат ҳам рӯҳан ва ҳам миқдоран инкишоф ёбад. Баъд аз он ки Худованд ба осмон боло рафт, ба ҷамоат бахшоишҳо дод (Эфсӯсиён 4:11,12). Ин бахшоишҳо дар одамоне зоҳир мегарданд, ки ба онҳо дар сохтани Ҷамоат қобилияти махсус дода шудааст. Чӣ тавре ки дар Эфсӯсиён 4:11 оварда шудааст, шахсони зерин ба ин гурӯҳ дохиланд: ҳаввориён, пайғамбарон, хушхабаррасонон, чӯпонон, муаллимон*.

Ба назари мо чунин менамояд, ки ҳаввориён ва пайғамбарон дар он вақт, ҳангоме ки асоси Ҷамоат гузошта мешуд, лозим буданд (Эфсӯсиён 2:20). Пас аз гузошта шудани асос зарурат ба чунин одамон аз байн рафт, бинобар ин дар миёни мо ҳаввориёну пайғамбарон, ба маънои аввалаашон** вуҷуд надоранд.

---

**Тавзеҳот:**

* Дар Эфсӯсиён боби 4 бахшоишҳо ба одамоне муносибанд, ки тамоми ҳаёташон ба хушхабаррасонӣ, таълимдиҳӣ ё фаъолияти чӯпонӣ бахшида шудааст. Дар 1Қӯринтиён боби 12 бошад бахшоишҳо – қобилиятҳоеанд, ки маҳз ба шахси муайян тааллуқ надоранд. Рӯҳи Муқаддас метавонад онҳоро ба ҳар узви Бадани Масеҳ, дар ҳар замони ба Ӯ писандомада диҳад. Масалан, ҳар як имондори бо Рӯҳи Муқаддас ҷалбшуда, ҳатто агар муаллим ҳам набошад, метавонад каси дигарро ба "сухани ҳикмат" ё сухани дониш" биоварад. Дигаре, бо вуҷуди хушхабаррасон набуданаш, метавонад ба касе барои тавба кардан ёрӣ расонад.

Дар 1Қӯринтиён 12:28 Павлус боз ҳам дар бораи ҳаввориён, пайғамбарон, муаллимон, қувваҳои мӯъҷизакор, бахшоишҳои шифодиҳӣ, ёрирасонӣ, идоракунӣ ва забонҳои гуногун менависад. Аз ин сабаб саволе оид ба бахшоишҳои дорои моҳияти мӯъҷизавӣ дар замони мо бармеояд. Дар Ибриён 2:4 тасдиқ карда мешавад, ки Худо аломату мӯъҷизаҳоро барои қувват додани хушхабаррасонӣ дар давраи аввал истифода мебурд, вақте ки Сухани Худо ҳоло дар шакли хаттӣ ба охир расида набуд. Бисёриҳо чунин мешуморанд, ки бо пайдоиши Китоби Муқаддас, ки ҳам Аҳди Қадим ва ҳам Аҳди Навро дар бар мегирад, зарурият ба аломату мӯъҷизаҳо аз байн рафт. Дар Китоби Муқаддас доир ба ин ақида нишондоди қатъӣ нест. Гарчанде чунин ҳисоб мешавад, ки мо ҳоло бахшоишҳои мӯъҷизанокро соҳиб нестем, аммо ин маънои онро надорад, ки Рӯҳи Муқаддас онҳоро дар ҳар лаҳза дода наметавонад, махсусан дар ҷойҳое, ки озодона хондани Китоби Муқаддас манъ шудааст. Ба ҳар ҳол касе чунин мешуморад, ки ин гуна бахшоишро дорост, бояд онро бо диққат ва эҳтиёткорона, дар мувофиқат бо Сухани Худо истифода барад (инчунин оиди истифодаи бахшоиши забонҳо ба 1Қӯринтиён боби 14 нигаред).

** Мо, бешубҳа, ҳаввориён ва пайғамбаронро ба маънои васеи он дорем, агар одамонеро ба назар гирем, ки аз ҷониби Худо фиристода шудаанд ва пайғамбаронеро, ки дар бораи Худованд шаҳодат дода, гуноҳ ва бераҳмиро маҳкум менамоянд. Аммо мо он фикреро, ки имрӯзҳо одамоне мавҷуданд, ки ҳамон гуна қудрату эътибори ҳаввориён доштаро доро мебошанд, ё худ касе метавонад ба монанди пайғамбарони Аҳди Ҷадид аз рӯи илҳоми Худо сухан ронад, комилан рад менамоем.

Ба ҳар ҳол дар байни мо хушхабаррасонон, чӯпонон ва муаллимон мавҷуданд. Хушхабаррасонон ба ҷаҳон рафта гуноҳкоронро назди Масеҳ меоваранд ва сипас онҳоро ба робитаи ҷамоати маҳаллӣ медароранд. Чӯпонон барои рама ғамхорӣ менамоянд, рӯҳан онро ғизо медиҳанд, қувват бахшида аз бадӣ нигоҳ медоранд. Муаллимон Сухани Худоро мефаҳмонанд, ошкор менамоянд.

Агар хизматгузорӣ мувофиқи ин бахшоишҳо бурда шавад, имондорон дар имон панду насиҳат мегиранд, зеро бахшоишҳои Худо барои он пешбинӣ шудаанд, ки Ҷамоат инкишоф ёбад.

## Ҳамаи имондорон рӯҳониёни Худоанд

Дар замонҳои Аҳди Қадим хизматгузорон танҳо аз қабилаи Левӣ ва аз хонаводаи Ҳорун буда метавонистанд. Дар замони мо чунин табақаи аз дигарон ҷудои одамон нестанд, ки соҳиби мартабаи махсус бошанд, махсус либос мепӯшида бошанд ва ҳоказо. Ҳама фарзандони Худо дар Худо муқаддасанд ва ҳама бартариҳоеро, ки аз ин бармеояд, дороанд (1Петрус 2:5,9).

## Қисматиояндаи Ҷамоат

Чӣ тавре ки гуфта шуда буд, Ҷамоат ҳоло дар ҷараёни сохтмон қарор дорад. Ҳар вақте ки боз як ҷони одамӣ наҷот меёбад, ба бинои он, ки бе ягон зарбаи болға сохта шуда истодааст, санги зиндаи навбатӣ гузошта мешавад. Рӯҳи Муқаддас ҳар рӯз наҷотёфтагонро ба Ҷамоат мансуб мекунад (Аъмол 2:47).

Рӯзе фаро мерасад, ки сохтмон ба охир мерасад: ба бинои Ҷамоат санги охирин гузошта мешавад, мо Масеҳро дар осмон хоҳем дид, Ҷамоат, гӯё бо оҳанрабои илоҳӣ ҷазб шуда, ба боло, барои бо Масеҳ “дар ҳаво” вохӯрдан бардошта мешавад ва сипас онҳо аллакай якҷоя ба хонаи Падар хоҳанд баргашт. “Ва ҳамин тавр ҳамеша бо Худованд хоҳем буд” (1Таслӯникиён 4:17).

Қисмати Ҷамоат бобаракат аст: вай на танҳо абадан бо Масеҳ хоҳад буд, балки ҳамчунин ҷалоли дар замин пайдо кардаи

Ӯро бо ҳам хоҳад дид (Юҳанно 17:22). Ҷамоат дар абадият шоҳиди ҷалоли Худованд хоҳад буд: “То ки дар асрҳои оянда сарвати беҳадди файзи Худро дар меҳрубоние, ки ба мо дар Исои Масеҳ дорад, зоҳир намояд” (Эфсӯсиён 2:7).

Ҷамоат – шоҳкории Худованд дар рӯи замин ва дарс ба қувваҳои осмонӣ аст, ки ҳикмати ҳаматарафаи Худоро нишон медиҳад. Бинобар ин ҳар як имондор бояд ҳаётан дар афзоиш ва равнақуривоҷи Ҷамоат шавқманд бошад. (1Таслӯникиён 1:6-8; 1Қӯринтиён 14:12).

ДАРСИ СЕЮМ

# Ҷамоати маҳаллӣ

## Ҷамоати маҳаллӣ чист?

Дар дарси якум мо дар бораи Ҷамоати умумиҷаҳонӣ гуфта гузашта будем. Ба таври дигар онро Бадани нонамоёни Масеҳ меноманд.

Ба ғайр аз он дар Аҳди Нав дар бораи ҷамоатҳои маҳаллие гуфта мешавад, ки аз имондорони маҳалҳои гуногун, масалан Ерусалим, Рум, Қӯринт иборатанд. Ин шаклҳои Ҷамоати Худо "дар маҳалҳо" буданд. Онҳо ба якдигар вобастагӣ надоштанд, вале онҳоро муҳаббати бародарона муттаҳид месохт ва ҳамаи онҳо ба Масеҳ итоат мекарданд.

1. **Шарҳи ҷамоати маҳаллӣ.** Оиди чӣ гуна будани ҷамоати ҳақиқии Аҳди Нав муддати дароз баҳс меравад. Одатан аксарият ин масъаларо чунин ҳал мекунанд: як қатор талаботҳо меоваранд ва агар гурӯҳи масеҳиён ба онҳо ҷавобгӯ бошад, пас ин гурӯҳро ҷамоати маҳаллӣ мешуморанд. Масалан дар соли 1593 Генри Берроу ҷамоатро чунин шарҳ дода буд: "Ҷамоати ҳаққонии Масеҳ – гурӯҳи имондоронест, ки аз беимонон ҷудо шуда, ба номи Исои Масеҳ якҷоя ҷамъ шудаанд ва ба Ӯ дар ростӣ ибодат менамоянд ва бо тайёрӣ итоат мекунанд. Ин бародарӣ робитаи муқаддасонест, ки ҳар кадоми онҳо озодии масеҳиёнаро, яъне ба ҷо овардани гуфтаҳои Масеҳ ва он чизе ки ба одамон дар Китоби Муқаддас ошкор гардидааст, аён ва ҳимоя менамояд". Дар шарҳу эзоҳи дигар бошад талаботҳои боз ҳам қатъитар пешниҳод мешуданд, ки дар натиҷа онҳо танҳо ба ягон ҷамоати равияи муайян дахл доштанд.

2. **Муносибати Аҳди Нав оиди ин масъала.** Саволе ба миён меояд: оё дар Аҳди Нав андозаҳо ва сифатҳои ҷамоат ба дараҷае кушоду равшан ифода ёфтаанд, ки ҳар як имондор ҷамоати ҳақиқии Аҳди Навро аз ҷамоати қалбакӣ фарқ карда

тавонад? Ба ақидаи ман кор каме ранги дигар дорад. Агар ҳаққонияти ҷамоат ба мувофиқати он ба ин ё он андозаву талабот вобаста мебуд, пас ҷамоат ба таври механикӣ, бе ягон саъю кӯшиши рӯҳонӣ сохта мешуд. Дар чунин ҳолат насиби ҷамоат танҳо хоби рӯҳонӣ ва худқаноатмандӣ мебуд.

Ба назари мо аз нуқтаи назари Аҳди Нав чунин муносибат дуруст менамояд: ҳама имондорон медонанд, ки ба Ҷамоат ба воситаи файзи Худо ворид мешаванд. Онҳо даъват шудаанд, ки якҷоя ҷамъ шаванд, то қоидаҳои бузурги Ҷамоатро аён кунанд. Баъзеҳо ба осонӣ ба ин ноил мегарданд, баъзеи дигар не. Ҳеҷ кас инро ба таври комил ба ҷо намеоварад. Ҳамин тариқ, Китоби Муқаддас ба ҷои шариатпарастӣ: “Талаботҳои зеринро иҷро намоед ва шумо ҷамоат хоҳед буд” – дар бораи файз мегӯяд: “Ҳамчун имондорон шумо ҷамоатро ташкил медиҳед. Пас тавре рафтор намоед, ки инро ба ҷаҳониён ба таври беҳтарин шаҳодат диҳед”. Қувваи ҳаракатдиҳандаи баракат муҳаббат ба Наҷотдиҳанда аст ва ин муҳаббат моро водор менамояд, ки Бадани Масеҳро ба мардуми атроф ба таври ҳарчӣ дурусттар нишон диҳем.

3. Хулосаи мухтасар. Ҷамоати маҳаллӣ шакли хурди Ҷамоати умумиҷаҳонӣ мебошад. Он набояд чизе кунад, ё чизе бошад, ки ба моҳияти бузурги Ҷамоат чун Бадани Масеҳ мухолиф бошад.

“Моҳият ва ягонагии Ҷамоат бояд бараъло аён бошанд. Лозим аст намоён бошад, ки Бадани Масеҳ ташкил ёфтааст ва аз ҷониби Рӯҳи Муқаддас роҳнамоӣ мешавад, ва ҳамаи имондорон узвҳои он буда, дар ҷалол бо Масеҳ ва бо ҳамдигар пайваст мебошанд, онҳо бозгашти Худовандро мунтазиранд ва ягона номе, ки онҳо худро меноманд, номи Масеҳ мебошад. Гуфтаи охирин ягонагии онҳоро таъкид менамояд”.

Инак, агар ҷамоати маҳаллӣ шакли хурди Ҷамоати умумиҷаҳонӣ бошад, пас он дар бораи чӣ бояд шаҳодат диҳад? Мо аллакай ҳафт ҳақиқати бузургро оиди Ҷамоат номбар карда будем, ки маҳз чунинанд:

1. Як бадан
2. Масеҳ – Сари Бадан мебошад
3. Ҳама имондорон – узвҳои Badananд
4. Рӯҳи Муқаддас Намояндаи Масеҳ дар Ҷамоат аст

5. Ҷамоати Худо муқаддас аст
6. Барои равнақу ривоҷи Ҷамоат бахшоишҳо мавҷуданд
7. Ҳамаи имондорон рӯҳониёни Худоанд

Акнун биёед ин ҳақиқатҳоро бо навбат дида баромада, кӯшиш мекунем муайян намоем, ки ҷамоати маҳаллӣ онҳоро ба ҷаҳониён чӣ тавр бояд аён кунад.

# Як Бадан

Чӣ тавр имондорон имрӯзҳо метавонанд оиди ин ҳақиқат шаҳодат диҳанд?

1. Шояд пеш аз ҳама бо он, ки ба худ ягон номеро, ки онҳоро аз дигар масеҳиён ҷудо мекунад, нисбат намедиҳанд. Дар ҷамоати Қӯринт одамоне буданд, ки мегуфтанд: “ман аз они Павлус ҳастам”; “ман аз они Апӯллӯс”; “ман аз они Кифо”. Павлус онҳоро барои ин мазаммат карда мепурсид: “Оё Масеҳ аз ҳам ҷудо шудааст?” (1Қӯринтиён 1:10-17).

   Имрӯзҳо масеҳиён одатан худро ба ин ё он равия нисбат медиҳанд, ки мувофиқи кишвар, пешвои динӣ, маросим ё сохти идоракунӣ ном ниҳода шудаанд. Чунин тақсимот ба ягонагии Бадани Масеҳ мухолифат мекунад.

   Чӣ тавре ки дар Навиштаҷот аниқ аст, муносибати илоҳӣ аз он иборат аст, ки фарзандони Худоро бояд танҳо бо он номҳое номид, ки ба онҳо дар Китоби Муқаддас ниҳода шудааст, яъне “имондорон” (Аъмол 5:14); “шогирдон” (Аъмол 9:1); “масеҳиён” (Аъмол 11:26); “муқаддасон” (Эфсӯсиён 1:1); “бародарон” (Яъқуб 2:1). Эҳтимол, яке аз вазифаҳои душвори ҳаёти масеҳӣ - худро ба ҷуз “имондор” дигар ҳеҷ чиз наномидан мебошад. Имрӯзҳо аксарияти масеҳиён ба ягон равия ё ташкилоти динӣ тааллуқ доштанро зарур мешуморанд, ки бо ягон номе номида мешавад, вале он ном дар Китоби Муқаддас нест. Касоне, ки мехоҳанд на танҳо фарзандони Худо, балки инчунин боз ягон чизи дигар номида шаванд, сазовори мазаммати одилонаи ҳамон бародарони масеҳии худ мебошанд.

Вале равшан аст, ки худро дуруст номидан ҳоло кофӣ нест. Масеҳиён метавонанд худро чӣ тавре ки дар Китоби Муқаддас аст, ном ниҳанд, вале бо вуҷуди он рӯҳан мазҳабпараст монанд. Ҳамин тавр баъзе имондорон дар Қӯринт “ман аз они Масеҳ” гуфта бо ҳаққонӣ будани номи худ фахр менамуданд ва қайд мекарданд, ки бархилофи имондорони боқимонда аз они Масеҳанд. Павлус таълим медод, ки онҳо мисли он шахсоне, ки аз они Павлус ё Апӯллӯс буданашонро исбот мекунанд, ҳамчунин ноҳақанд.

2. Вақте савол бармеояд, ки тақсимот ба равияҳо то чӣ андоза ба Китоби Муқаддас мувофиқат мекунад, ба манфиати тақсимот ҳар гуна ҷамоатҳоро баракат додани Худованд мисол оварда мешавад. Вале бояд дар хотир дошт, ки баракати Худованд маънои онро надорад, ки Ӯ ҳама чизро мақбул медонад. Худованд Сухани Худро қадр мекунад, бо вуҷуди он ки одамон одатан онро на он қадар аниқ ва комил мерасонанд. Агар Худо танҳо амалҳои комилро баракат медод, барои баракат додан умуман ҳеҷ кас намедошт. Бинобар ин ҳақиқате, ки ҳар гуна гурӯҳ метавонист баракати Худоро соҳиб гардад, маънои онро надорад, ки Ӯ ҳама амалҳои ин гурӯҳро мақбул медонад. Хабар аз хабаррасон дида бештар аст.

Муносибати Худо оиди ҷудошавии Ҷамоат дар 1Қӯринтиён 3:4 аниқ аст: “...Вақте ки яке: “Ман аз они Павлус ҳастам” ва дигаре “Ман аз они Апӯллӯс ” мегӯяд, – оё шумо ҷисмонӣ нестед?

Ҷудошавӣ дар дохили Ҷамоат ба оқибатҳои ҷиддӣ меоварад:

- дар робитаи бародарӣ монеаҳои сунъӣ ба вуҷуд меорад;
- ба ҷойивазкунии озодонаи бародарони қобилиятнок, ки хизматашон ба тамоми Ҷамоат фоидаовар мебуд, халал мерасонад;
- одамонро маҷбур мекунад, то фикр кунанд, ки кадом ҷамоат бештар дуруст аст.

Марк Рейнсфорд навишта буд: “Ман фикр мекунам, ки ҳама мазҳабу равияҳо – ин натиҷаи кӯшиши ба ягонагии Ҷамоати Худо халал расондани шайтон мебошад. Решаи бадии ҳамаи

онҳо дар ҳавобаландии рӯҳонӣ, худпарастӣ, худқаноатмандӣ ва гуноҳ аст. Бигзор Худо моро бубахшад ва ҷудоии моро бартараф намояд. Ҳеҷ чиз аз гуногунфикрии мо дида бештар ба муқобили мо шаҳодат намедиҳад. Ҷаҳониён баҳсу housearхашаи масеҳиёни равияҳои гуногунро дида, ба ҷои: “Бубинед, ки чӣ тавр онҳо якдигарро дӯст медоранд” гуфтан, – пурра асос доранд, ки: “Бубинед, чӣ тавр ин масеҳиён якдигарро танқиду мазаммат мекунанд” гӯянд.

3. Ба имондороне, ки дар бораи ягонагии Бадани Масеҳ шаҳодат додан мехоҳанд, аз ҳама ҷудоиҳои дохили ҷамоат барканор гаштан ва ҳамзамон нисбати ҳама фарзандони Худо рӯҳияи муҳаббатро нигоҳ доштан бисёр душвор мегардад.

К. Макинтош, муаллифи китоби “Тафсири Таврот” навишта буд: “Рӯҳияи ба равияҳо иштирок накарданро бо рӯҳияи некӯӣ ва бахшоиш муттаҳид сохтан ниҳоят мушкил аст. Агар мо ҳақиқатро бе некӯӣ ҷонибдорӣ намоем, пас шаҳодати мо яктарафаву дилнокаш мешавад. Вале агар мо кӯшиш намоем, ки бар зарари ҳақиқат некӯӣ ва бахшоиш зоҳир намоем, пас бар зарари Худованд бепарвоӣ зоҳир менамоем”.

Инчунин дар бораи ин В. Гриффит Томас навишта буд: “Ҳақиқатҳои Худоро қатъӣ тарафдорӣ намоед, вале бо вуҷуди ин ҳамаи онҳоеро, ки барои Худованд зиндагӣ ва меҳнат мекунанд, дӯст доред. Ман суханони нозир Виплро аз Миннесота, ки барои ҳиндуҳои маҳаллии Америка чун як навъ ҳавворӣ буд, фаромӯш намекунам: “Мана аллакай си сол боз ман кӯшиш мекунам, ки симои Масеҳро дар симои касоне бинам, ки начандон ба ман монананд”.

Ягонагии Бадани Масеҳро бо ҳаракатҳои гуногуни экуменӣ (якҷоякунии ҳама гуна равияву мазҳабҳо), ки дар бораашон имрӯзҳо ин қадар бисёр гап мезананд, набояд омехта кард. Ба ин монанд иттиҳодҳо, машваратҳо, ташкилотҳо ҳақиқатҳои бузурги Навиштаҷотро танҳо бадном мекунанд. Вақте масеҳиён ба иттиҳоди онҳое дохил мешаванд, ки таваллуди бенуқсони Масеҳ, бегуноҳ будани Ӯ, қурбон шудани Ӯ бар ивази дигарон, ҷисман дубора зинда гардидани Ӯ, ба осмон рафтан ва дубора баргаштани Ӯро рад мекунанд, бо ин Худоро инкор менамоянд.

Асоси ягонагии масеҳӣ дар вафодории умумӣ ба Масеҳ ва Сухани Ӯ мебошад. Агар хоҳиши асосии дилҳои мо ҷалоли Масеҳ бошад, пас мо мувофиқи дуои Ӯ мутттаҳид мегардем: “Бигзор як бошанд, чунон ки Мо як ҳастем” (Юҳанно 17:22). Гриффит Томас оиди ин чунин гуфта буд: “Оё шумо пай бурдаед, ки ҳангоми баргаштани мавҷҳо дар соҳил кӯлмакчаҳои хурди об мемонанд, ки аз якдигар бо майдонҳои васеи рег ҷудоанд? Вале бозгашти мавҷҳо бо оғӯши пурзӯри худ онҳоро якҷоя мекунад. Ҳамчунин ҷудоиҳои мо дар дохили Ҷамоат, ки бо сабаби дилсахтии мо ба вуҷуд меоянд, бо мавҷҳои муҳаббати бузурги Худо ба уқёнуси абадии шодиву осоиштагӣ хоҳанд даромад”.

Бинобар ин ҷамоатҳои маҳаллӣ бояд бо шаҳодат додани ягонагии Бадани Масеҳ хизмат намоянд, ки инро мутаассифона мо имрӯзҳо дар қисми зиёди ҷаҳони масеҳӣ намебинем. Ягонагиро бо эътироф кардани ягонагии рӯҳ, ақидаҳо ва маросимҳои ҳамаи масеҳиён комёб шудан мумкин аст.

ДАРСИ ЧОРУМ

# Сарварии Масеҳ

## Масеҳ – Сари Бадан

Имондорон чӣ тавр бояд имрӯзҳо дар бораи ин қоида шаҳодат диҳанд? Аниқ аст, ки онҳо набояд ягон касро ҳамчун сардори ҷамоат қабул намоянд. Изҳороти роҳбари сохтори калони динӣ дар бораи он ки ӯ мувақкатан сари Бадани Масеҳ дар замин аст, гуноҳи бениҳоят калон мебошад. Аксарияти масеҳиён бемаънигии пурраи чунин ҳолатро мефаҳманд, вале бо вуҷуди ин ин бадӣ дар шакли басе нозук ба ҷаҳони масеҳӣ ворид шуда истодааст.

Барои ба роҳбарияти Масеҳ тобеъ шудан бояд ба Ӯ имконият дод, ки Ӯ ҳамаи фаъолияти ҷамоатиро идора намояд, ба қарордодҳои ҷамоат таъсир расонад, дар ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷамоат ҳукмронӣ кунад. Шояд ба бисёриҳо баёноти ман тираву номуайян намуда пурсанд, ки чӣ тавр Худованд метавонад аз осмон ҳар як ҷамоати маҳаллиро дар замин идора намояд? Ҷавоби ин савол чунин аст: Ӯ ба онҳое, ки дида ва тоқат карда метавонанд, ҳама вакт хости Худро аён мекунад. Ин осон нест ва аз ҷониби имондорон кӯшишу ғайрати калон металабад. Ҳамаро ба дасти худ гирифтан ва нақшаҳои шахсӣ сохтан басе осон аст, вале бояд ҳамеша дар хотир дошт, ки барои дар амал татбиқ намудани қоидаҳои Аҳди Нав қуввату қудрати Аҳди Нав лозим мебошад. Онҳое ки бо роҳи итоаткорӣ, дуо ва интизории босаброна рафтан намехоҳанд, чӣ тавр дар рӯи замин ҷамоатҳои маҳаллиро идора намудани Сардори Бузурги Ҷамоатро ҳеҷ гоҳ дида наметавонанд.

Мехостам қайд намоям, ки сарварии Масеҳро дар сухан эътироф намудан якеву – ба Ӯ дар амал итоат намудан дигар аст. Одамоне ҳастанд, ки дар сухан тайёранд барои ҳақиқати “Масеҳ – Сари Ҷамоат” ҳаёташонро фидо кунанд, вале амалан инро рад намуда, дар асл ҳукмфармои ҷамоатҳоянд. Ҳеҷ як одам ва ҳеҷ як гурӯҳи одамон набояд дар ҷамоат ягон унвони сарвариеро дошта бошад ва дар он ҳукмронии номаҳдуд намояд. Масалан,

Диютрифас чунин рафтор мекард (3Юҳанно 9,10). Вай аввалин буданро дӯст медошт, имондоронро, ҳамчунин ҳаввориӣ юҳанноро бо суханони бад дашном мекард. Ӯ бародаронро қабул намекард, онҳоро аз ҷамоат меронд ва ба дигарон низ қабул кардани онҳоро манъ менамуд. Ба ҳамин тариқ Диютрифас сарварии Масеҳро рад мекард.

Оиди идора намудани ҷамоат бояд якчанд сухан гуфт. Идора намудан ҳокимиятро ифода мекунад. Маркази идоракунии ҷамоат дар ҳамон ҷоест, ки Сар мебошад, яъне дар осмон. Ҷамоати маҳаллӣ набояд пайваста ба ягон идора, яъне шӯрои олии ҷамоатҳо, шӯрои роҳбарон, ё ягон шӯрои дигаре, ки як ё якчанд ҷамоатҳоро идора мекунад, тобеъ бошад. Ҳар як ҷамоати маҳаллӣ ба Сари Ҷамоати умумиҷаҳонӣ тобеъ аст ва бар зидди ин қоида набояд ягон коре бикунад.

## Ворид шудан ба ҷамоат

Ин ҷо мо ба қоидаи сеюм расидем: ҳамаи имондорон – узвҳои Badананд. Вазифаи ҷамоати маҳаллӣ чунин аст: мустаҳкам намудани ин қоида дар ҳамаи пуррагӣ ва ҳаққонияти он, накардани ҳеҷ чизе, ки ба ягонагии ҳамаи масеҳиён мухолифат мекунад. Ин қоида беш аз ҳама ба он вобаста аст, ки чӣ тавр ҷамоат имондоронро ба худ қабул мекунад:

1. Қоидаи асосӣ аз он иборат аст, ки ҳамаи онҳоеро, ки Масеҳ қабул кардааст, ҷамоат низ бояд қабул намояд. “Пас, якдигарро қабул кунед, чунон ки Масеҳ низ шуморо барои ҷалоли Худо қабул кардааст” (Румиён 15:7). Бародарӣ дар он ҳақиқат асос ёфтааст, ки имондор аллакай ба Бадани Масеҳ дохил гардидааст. Ҷамоати маҳаллӣ танҳо он чиро инъикос мекунад, ки дар доираи рӯҳонӣ ба вуҷуд омадааст, ҳамчунин ба қатори худ дохил намудани одамонро.

2. Вале қоидаҳо бе истисно намешаванд. Аҳди Нав се талаботи иловагӣ изҳор мекунад:
   а. Шахси ба ҷамоат дохилшуда бояд росткорона зиндагӣ кунад (1Қӯринтиён 5:11; 10:21). Агар Ҷамоати муқаддас зинокорон,

ҳаромризқон, бутпарастон, бадзабонон, бадмастон ва ғоратгаронро қабул мекард, дар он сурат чӣ гуна менамуд?

б. Талаботи дуюм бо талаботи якум зич вобаста аст: ба ҷамоат набояд онҳоеро қабул кард, ки аз дигар ҷамоат бадар шудаанд (1Қӯринтиён 5:13), вагарна ин ба ягонагии Бадани Масеҳ мухолифат хоҳад кард (Эфсӯсиён 4:4). Шахси аз ҷамоат бадаршуда, то он даме ки дар робита бо Худованд ва мардуми Ӯ барқарор нагардад, чун "беимон ва боҷгир" монданро давом медиҳад (Матто 18:17).

в. Ниҳоят, имондори ба ҷамоат дохилшуда бояд ба таълимоти Масеҳ вафодор бошад. "Касе, ки назди шумо меояд ва ин таълимотро намеоварад, вайро ба хонаи худ қабул накунед ва ба вай салом надиҳед" (2Юҳанно 10). Ин таълимот чиро дар бар мегирад? Мо ҳоло ба ин савол ҷавоби муфассал намедиҳем, вале бояд қайд намуд, ки он ҳама он чизеро дар бар мегирад, ки ба шахсияти Масеҳ ва хизмати Ӯ дахл дорад: моҳияти илоҳии ӯ, таваллуди бенуқсони Ӯ, ҳаёти бенуқсони Ӯ, қурбонии Ӯ бар ивази одамон, марги Ӯ, дубора зинда гаштани Ӯ, ба осмон рафтан ва бозгашти ояндаи Ӯ. Ин қисми мавзӯъро ҷамбаст намуда бояд гуфт, ки ҷамоати маҳаллӣ бояд ҳамаи онҳоеро, ки дар Исои Масеҳ таваллуди нав ёфтаанд, росткорона зиндагӣ мекунанд, аз дигар ҷамоат бадар нашудаанд ва таълимоти масеҳиро риоя мекунанд, қабул намояд.

3. Бо вуҷуди ин Навиштаҷот оиди ин масъала як қатор нишондодҳои фоидабахш низ дорад. Ҳамин тариқ, ба ҷамоати маҳаллӣ лозим аст:

а. **Қабул кардани имондорони дар имон суст** (Румиён 14:1). Ин ба масеҳиёни беҳад нозуктабиат дахл дорад, ки талаботҳояшон сабабҳои кофӣ надоранд. Масалан, аз рӯи ақида гӯшт нахӯрдани имондор барои аз ҷамоат бадар рондани ӯ сабаб шуда наметавонад.

б. **Қабул кардани имондорон новобаста ба ҳолати иҷтимоӣ** (Яъқуб 2:1-5). Китоби Муқаддас оиди таваҷҷӯҳ ба сарватмандон ва нописандӣ нисбати камбағалон огоҳӣ мекунад. Ин инчунин ба фарқиятҳои наæод, ҳолати иҷтимоӣ

ва маданият низ тааллуқ дорад. Поймол кардани чунин хусусиятҳои инсонӣ муносибати ғайримасеҳист.

в. **На аз рӯи дониш, балки мувофиқи ҳаёт қабул кардан** (Аъмол 9:26-28). Қабул кардан ба ҷамоат на ба маҷмӯи дониши одам, балки ба Оне, ки Ӯро дарк намуд, вобаста аст. Апӯллӯсро, бо вуҷуди он ки донишаш чандон кофӣ набуд, ба ҷамоати Эфсӯс ҳамин тавр қабул намуданд (Аъмол 18:24-28).

г. **На барои маросими ба ҷо овардашуда, балки мувофиқи ҳаёт қабул кардан.** Дар ҳеҷ ҷои Китоби Муқаддас гуфта нашудааст, ки ғӯта дари кушода ба ҷамоат аст. Бале, ҳама имондорон бояд ғӯта гиранд (Матто 28:19), вале "одам барои ба ҷамоат дохил шудан бояд ғӯта гирад" гуфта, мо ба Сухани Худо гумонҳои беасоси шахсиамонро илова мекунем.

д. **На дар асоси хизмат, балки дар асоси ҳаёт қабул кардан.** Агар мо бо ҷиҳати хизмати масеҳии шахс розӣ набошем, ин маънои онро надорад, ки ҳуқуқ дорем то ӯро ба ҷамоат қабул накунем. Мо дар Луқо 9:53 мехонем, ки чӣ тавр Масеҳро дар деҳаи сомарӣ қабул накарданд, чунки Ӯ ба "мусофири ба Ерусалим сафар кардаистода" монанд буд. Сомариёнро дар ин ҳолат на қоидаҳои илоҳӣ, балки нишондодҳои мазҳабпарастӣ роҳбарӣ мекарданд.

е. **Қабул кардани шахс новобаста ба он ки пеш аз тавба карданаш кӣ буд.** Шоул пеш аз имон овардан масеҳиёнро таҳқир мекард, вале новобаста ба ин қабул шуд (Аъмол 9:27,28). Онисимус дар гузашта дузд буд, вале Павлус Филемӯнро таъкид мекунад, ки вайро қабул кунад (Филемӯн 12,15,17). Агар ҷамоат барои бадмастон, қаллобон, одамони аз тарафи ҷамъият радшуда дар пӯшад, пас он на ҷамоат, балки ташкилоти иҷтимоӣ мегардад.

ё. **Ба Худованд имон овардагонро бо хушнудӣ қабул кардан** (Филиппиён 2:29). Чӣ тавре ки мо ба узвҳои сусти Бадани Масеҳ муносибат менамоем, ҳамон тавр низ ба Худи Ӯ муносибат мекунем: "Он чӣ ба яке аз ин бародарони хурдтарини Ман кардаед, ба Ман кардаед" (Матто 25:40).

4. Саволе бармеояд, ки чӣ тавр ҷамоат имондор будани одамро фаҳмида метавонад, модоме ки ин шахс дар маҳалли дигар зиндагӣ мекард. Дар ин ҳолат панҷ роҳ имконият дорад:
   а. **Тавсиянома** (Румиён 16:1). Аз як ҷамоат ба ҷамоати дигар гузаштани имондорро (ҳангоми кӯчидан, сафар ва ғайра) осон кардан мумкин аст, агар ба ӯ номае дода шавад, ки оиди имонаш шаҳодат медиҳад.
   б. **Шаҳодати ду ё се шахс** (Матто 18:16). Агар одамро ду ё се имондори ҷамоат донанд, ҷамоат метавонад ӯро мувофиқи тавсияи онҳо қабул кунад.
   в. **Шаҳодати шахсе, ки ҷамоат ба ӯ пурра боварӣ дорад.** Ба ҳамин тариқ Павлус Фубироро ба масеҳиёни Рум (Румиён 16:1) ва эпафрӯдитусро ба масеҳиёни Филиппия муаррифӣ намуд (Филиппиён 2:28-30).
   г. **Бо хизмати масеҳиёна машҳур будани шахс** (2Қӯринтиён 3:1-3). Павлус зарурияти номаҳои тавсиявиро ба ҷамоати Қӯринт рад намуд, зеро ба онҳо чун ҳаввории Исои Масеҳ хуб маълум буд.
   д. **Сӯҳбати муфассали худи ҷамоат бо шахс.** Масалан, пирони ҷамоат метавонанд шахси ба ҷамоат омадаро оиди имонаш ба Масеҳ пурсупос намуда, “дар бораи умед ҳисобот талаб кунанд” (1Петрус 3:15). Агар онҳо дилпур гарданд, ки ин шахс ба Масеҳ тааллуқ дорад, метавонанд ӯро қабул кунанд.

5. Пеш аз он ки ин боб ба охир расад, оиди боз се масъалаи дигар фикр мекунем, ки одатан вобаста ба мавзӯи омӯзишамон бармеоянд.
   а. **Оё ҷамоат ҳуқуқ дорад, ки наҷотёфта будан ё набудани касро муайян намояд?** Ин на танҳо ҳуқуқ, балки инчунин вазифаи муқаддаси ӯст, зеро бо беимонон муттаҳид шудани имондорон манъ аст (2Қӯринтиён 6:14,17). Бинобар ин онҳо бояд тамоми воситаҳоро истифода баранд, то ҳолати рӯҳонии онҳоеро, ки байни мардуми Худо ҷой гирифтанианд, муайян намоянд.
   б. **Агар ба ҷамоат шахсе қабул шуда бошад, ки таълимоти барғалат дорад, чӣ кор кардан лозим аст?** Таълимоти ӯро дар пеши ҳамагон фош кардан лозим аст (1Тимотиюс 5:20).

Дар ҷамоати Аҳди Нав Китоби Муқаддас бояд ҳамеша кушода бошад. Дар ҷамоат бояд одамоне бошанд, ки қобилияти ошкор намудани хато ва ҳимоя намудани ҳақиқатро доранд (1Тимотиюс 1:9).

в. **Агар шахси ба ҷамоат қабулшуда ба ҷамъомадҳои он на ҳама вақт ояд ё умуман наояд, дар чунин ҳолат чӣ бояд кард?** Пеш аз ҳама бояд қайд намуд: “ҷамоат” маънои онро дорад, ки ҳама аъзоёни он машғулият ва ӯҳдадориҳои умумӣ доранд. Шахси ба ҷамоат дохилшуда дар ҳаёт ва меҳнати он иштирок мекунад, бори ташвишҳоро ба зиммаи худ мегирад. Агар шахс ҳафтае танҳо як бор ба ҷамъомади умумӣ ояд, ӯро аъзои комилҳуқуқи ҷамоат шуморидан баргумон аст.

Агар шахс умуман ба ҷамъомад наояд, пас ҷавобгарии он пурра ба зиммаи худи ӯст. Дар чунин ҳолат ҷамоат вазифадор аст, ки ба ӯ симои рӯҳонӣ, ҳақиқии худро аён кунад ва ӯ бояд ба ҳақиқат итоат намояд.

Ба ҷамоат қабул кардани одамон масъалаи содда нест. Дар ин ҷо танҳо баъзе ҷиҳатҳои муҳимтарини он баён шуданд. Бо вуҷуди ин мо ба ҳар ҳол ба таҳлили қоидаи навбатӣ мегузарем.

ДАРСИ ПАНҶУМ

# Рӯҳи Муқаддас дар Ҷамоат

Рӯҳи Муқаддас Масеҳро дар ҷамоат намояндагӣ мекунад. Шояд дар аввал чунин намояд, ки ин қоида ба қоидаи пешина, яъне Масеҳ – Сари Ҷамоат мухолиф аст, вале ҳар ду ин қоидаҳо комилан дурустанд. Масеҳ Сари Ҷамоат аст, Рӯҳи Муқаддас бошад Ӯро намояндагӣ намуда, дар рӯи замин ба ҷои Ӯ идора мекунад. Бинобар ин ҷамоат бояд ба ихтиёри Рӯҳ он ҷоеро, ки дар ҳақиқат ба Ӯ тааллуқ дорад, диҳад. Чӣ тавр инро дар амал кардан мумкин аст?

## **Дар амал пайравӣ намудан** (Аъмол 13:1:4)

Пеш аз ҳама, ҷамоат бояд дар ҳама корҳои худ: дар интихоб кардани ҷой барои хушхабаррасонӣ; дар ҳалли масъалаи чӣ тавр гузаронидани ҷамъомадҳо; дар интихоби усулҳои хизмат бо Сухани Худо; дар ҳалли масъалаҳои моливу пулӣ; дар мустаҳкам намудани тартибу интизом ва ғайра роҳнамоии Рӯҳи Муқаддасро ҷӯяд.

## **Ҳокимияти олии Рӯҳи Муқаддас** (1Қӯринтиён 12:11)

Ҷамоати маҳаллӣ бояд ҳокимияти олии Рӯҳи Муқаддасро эътироф кунад. Ин маънои онро дорад, ки Рӯҳ озод аст, то мувофиқи хости Худ амал намояд. Ӯ на ҳамеша дар ҳолатҳои монанд як хел рафтор мекунад, вале инчунин ҳеҷ гоҳ ба Китоби Муқаддас мухолифат намекунад. Мо дар Китоби Муқаддас бо рамзҳои гуногуни Рӯҳи Муқаддас, ба монанди оташ, об, шамол вомехӯрем, ки ҳаракати доимӣ, рафтори ғайричашмдоштро ифода мекунанд. Бинобар ин масеҳиёни бохирадро лозим аст, ки хеле бомулоҳиза бошанд, то ин ки дар ҳалли масъалаҳо ҳокимияти олиро ба ихтиёри Рӯҳ вогузоранд.

Дар давраи аввали масеҳият ҳамин хел буд, вале баъд ҷамъомадҳое, ки дар он ҳама чиз соддаву озод, холӣ аз расмиятҳои зиёдатӣ буд, одамонро қонеъ намекунонидагӣ шуд. Маросим ва урфу одатҳо афзалият пайдо карданд. Рӯҳи Муқаддас хомӯш гашт ва Ҷамоат қувваи худро гум кард.

## **Хомӯш намудани Рӯҳи Муқаддас** (1Таслӯникиён 5:19)

Ҷеймс Денни ин гузаришро аз озодии Рӯҳ ба идоракунии инсонӣ хеле хуб тасвир намудааст: "Вақте ки Рӯҳи Муқаддас дар Рӯзи Пантикост бар ҷамоат нозил шуд, "забонҳои ҷудокунандае, мисли забонҳои оташ, ба онҳо зоҳир шуда, якто-якто бар ҳар яке аз онҳо қарор гирифтанд" ва онҳо корҳои бузурги Худовандро баён мекарданд. Одами чунин бахшоиши пурқудратро қабулнамуда мисли шахси бехуд, бо Рӯҳи Муқаддас фурӯзон тасвир мешавад. Таваллуд аз олами боло дар ҳақиқат таваллуди нав буд. Он ҳамаи фикрҳо ва ҳиссиётро бедор мекард, ҳисси қувваи наврo медод, ба таври нав фаҳмидани Худо, муҳаббати нав ба росткорӣ, фаҳмиши нави Китоби Муқаддас, ва аксаран қобилияти нави боэҳсос ва пурҳарорат сухан гуфтанро медод. Дар 1Қӯринтиён Павлус ҷамоати масеҳиро тасвир менамояд. Дар он касе хомӯш намеистад: ҳар яке таронае, ё сухане аз Навиштаҷот, ё тафсире аз он дорад. Ба ҳар яке зуҳуроти Рӯҳи Муқаддас дода шудааст, дар ҳар яке оташи рӯҳонӣ фурӯзон аст. Рӯ овардан ба масеҳият, қабули Хушхабар наметавонист оромона ва номаълум гузарад. Он тамоми табиати инсонро пурра ба ларза меовард, ӯро одами наве месохт, ки бо ҳаёти нав фурӯзон аст.

Чунин ҳолати аз вазъи табиӣ дур нороҳатӣ наоварда наметавонист. Шахси масеҳӣ бо вуҷуди бахшоиши Рӯҳи Муқаддасро қабул карданаш инсон мемонд ва ӯро лозим меомад, ки бо шӯҳратпарастӣ, беақлӣ, ғурур ва худпарастӣ мубориза барад. Дар лаҳзаи аввал чунин менамуд, ки рӯҳбаландӣ камбудиҳои табиии ӯро аз байн набурда, балки пурқуваттар мегардонад ва водор месозад вақте сухан гӯяд, ки хомӯш будан беҳтар мебуд (дар ҷамоати масеҳиёни аввал ҳар шахси хоҳишманд метавонист сухан гӯяд). Одам чунон пурваҷд

дуогӯиро сар мекард ё Худоро ситоиш менамуд, ки шахсони хирадмандтар танҳо оҳ мекашиданд. Барои ҳамин хирадмандон (ё онҳое, ки худро чунин меҳисобиданд) ҷӯшу хурӯши рӯҳии ӯро хомӯш мекарданд. "Худдорӣ намо, худро идора кун. Махлуқи бошуур набояд чунин рафтор кунад", – мегуфтанд онҳо ба шахсе, ки дилаш шӯълавар буда, то даме ки алангааш берун набарояд, ором шуда наметавонист".

Бешубҳа, чунин ҳолатҳо дар ҷамоати Таслӯникия бисёр рух медоданд. Сабаби ин фарқ дар синну сол ва табъ буд. Шахсони солхӯрда ё оромтабиат баръакси шахсони ҷавон ва шодком буданд. Аммо хиради таҷриба ё хулқу атвор дар муқоиса бо ваҷди рӯҳ норасоиҳои худро дорад. Он хунук аст, дар он рӯҳбаландӣ нест, он ба одамони дигар таъсир намебахшад, он аланга гиронида наметавонад. Пас агар он худ дили одамонро аланга гиронида натавонад, набояд ба суханони оташини Рӯҳ оби хунук резад. Мазмуни суханони "Рӯҳро хомӯш накунед" дар ҳамин аст. Аз ин суханон бармеояд, ки Рӯҳро хомӯш кардан имкон дорад. Нигоҳи сард, суханони таҳқиромез, хомӯшӣ, дидаву дониста бепарвоӣ кардан ва инчунин танқиди бе муҳаббат ва бесаброна – ҳамаи ин ба Рӯҳ таъсири манфӣ мерасонад.

Мо медонем, ки гулхани нав даргирифта одатан дуд мекунад. Барои дуд накарданаш ба он оби хунук рехтан лозим нест – бояд мунтазир шуд, то он афрӯзад. Албатта, агар аз дастатон ояд, метавонед ҳезумро аз нав чинед, пуф кунед, аммо аз ҳама беҳтараш онро ба ҳолаш гузоред, то худаш даргирад. Бо шогирди пурҷӯшу хурӯш низ бояд ҳамин тавр рафтор кард. Шояд, "дуд"-и вай чашмонро ба сӯзиш меорад, аммо агар каме сабр кунед, дуд парешон шуда, гармӣ боқӣ мемонад. Барои ҳамин ҳам ҷӯшу хурӯши рӯҳ ва рӯҳбаландии шахси масеҳӣ беҳтарин чизҳо дар ин оламанд. Шояд ҷӯшу хурӯш бесаводона ва камтаҷриба буда, хато мекунад, ҳадду ҳудуди ҳаёт талаб мекардаро ҳис намекунад, аммо он аз Худованд аст, ба дигарон таъсир мерасонад ва аз тамоми хиради олам муҳимтар мебошад.

Инак, ман чӣ тавр хомӯш карда шудани Рӯҳро мухтасар баён намудам. Аламовар аст, ки тамоми таърихи ҷамоат – таърихи солҳои дарози хомӯш гардонидани Рӯҳ мебошад, ки зимнан, бо давраҳои нисбатан тӯлонии болоравӣ бадал мешуданд. "Ҷое, ки

Рӯҳи Худост, ҳамон ҷо озодист", – мегӯяд ҳаввorӣ. Вале ҳаёт дар ҷамъият на ҳамеша бехавф аст, дар ҳолатҳои муайян он метавонад ба нишондодҳои ҷамъият мухолиф бошад, ва дар ин сурат ҳимояткунандагони тартибот хомӯш намеистанд. Барои манфиатҳои "тартибот" Рӯҳ хомӯш карда мешуд. Бахшоиши роҳбарӣ ба монанди чӯбдасти Ҳорун ҳама бахшоишҳои дигарро фурӯ мебурд. Роҳбарони ҷамоат ба табақаи махсуси аз аъзоёни дигар ҷудошуда табдил меёфтанд. Онҳо тамоми ҳокимияти рӯҳонӣ ва панду насиҳати ҷамоатро ба дасти худ мегирифтанд. Ғалати даҳшатноке пайдо шуд, ки гӯё онҳо ягона нигаҳдорандагони файз ва ҳақиқати Инҷил бошанд, ва гӯё танҳо ба воситаи онҳо одамон назди Рӯҳи Муқаддас омада метавониста бошанд. Ба таври содда гӯем, ҳангоми барои ситоиши Худованд вохӯрдани одамон Рӯҳ хомӯш мегашт: баҳри тартиб ва одоб шӯълаи дилҳо хомӯш карда мешуд, то ин ки ҳангоми дуо ё ситоиш он ногаҳон берун набарояд. Дар давраи асримиёнагии масеҳият чунин буд, вале мутаассифона имрӯзҳо низ ҳамин тавр аст. Оё ҷамоат аз ин бурд мекунад? Албатта не. Монтанистони асри дуюм, равияҳои бидъаткори асрҳои миёна, равияҳои соҳибихтиёр ва квакерони замонҳои Республикаи Англия, Армияи наҷот, бародарони плимутӣ ё ин ки ташкилотҳои инҷилии ҳозиразамон – ҳамаи онҳо то андозае эътирози боадолатона ва зарури Рӯҳро бар зидди ҳокимияте баён мекарданд, ки Ӯро хомӯш карда истода, ба ҳамин тариқ ҷамоатро хароб менамуд.

Ҷамоат набояд бо чорчӯбаи барномаи худ, қоидаву маросимҳои дар Навиштаҷот асос надошта ба Рӯҳи Муқаддас халал расонад. Он ақидае ки ҷамоат бояд ҳамеша мувофиқи тартиби муқарраршуда гузарад, ҳатман дар вақти муайян ба охир расад, то чӣ андоза Рӯҳи Муқаддасро меранҷонад! Чунин қоидаҳо танҳо қувваи рӯҳониро суст мекунанд.

## Оё имрӯзҳо Рӯҳ озодона роҳбари мекунад?

Биёед як лаҳза тасаввур кунем, ки агар Рӯҳи Муқаддас дар ҷамоат ҳақиқатан бе мамониат роҳбарӣ мекард, пас вазъият чӣ гуна мебуд? К. Макинтош чунин манзараи идеалиро тасвири зерин

намуд: “Ба мо имрӯзҳо чӣ гуна намуд доштани ҷамоатеро, ки ба он ҳама баҳри Масеҳ меоянд ва ҳар яке ба воситаи Рӯҳи Муқаддас роҳнамоӣ мешавад, тасаввур кардан мушкил аст. Агар ҳоло кор чунин сурат мегирифт, он гоҳ аз ҷамъомадҳои бешавқ, дилгиркунанда ва беҳуда шикоятҳо намебуданд, дар “вақти муқарраршуда” дуо намудан лозим намеомад, танҳо барои баромад кардан панду насиҳат гуфта намешуд ва барои пур кардани лаҳзаи танаффуси байни баромади насиҳатгарон сурудномаро ба даст гирифтан лозим намеомад. Ҳар кас ҷои худро дар назди Худованд медонист, назари ҳама одамон ба Масеҳ равона мешуд ва ҳар як дил аз Ӯ пур мегашт. Ҳангоми хондани Китоби Муқаддас мо ба овози Худо бо диққат гӯш меандохтем, суханони насиҳати илоҳӣ дар дилҳоямон ҷой мегирифтанд, дар лаҳзаи дуо бошад, ҷонамон ба ҳузури Худованд дохил мегашт. Рӯҳамон ба назди Худо парвоз намуда, сурудхониамонро ҳамчун садои мусиқии осмонӣ қабул мекард, мо худро дар ҷои муқаддастарин ҳис мекардем, ва пешакӣ лаззати он вақтеро мечашидем, ки абадан ба оромгоҳи осмонӣ медароем, то Ӯро ибодат намоем”.

ДАРСИ ШАШУМ

# Тартибу интизом дар Ҷамоат

Қоидаи панҷуми Ҷамоати умумиҷаҳонӣ, ки ҷамоати маҳаллӣ оиди он бояд шаҳодат диҳад, ин аст: Ҷамоати Худо муқаддас аст. Чӣ тавр бояд инро дар амал татбиқ намуд?

## Пешгирӣ аз чорабинӣ беҳтар аст

Инро пеш аз ҳама бо ҳаёти росткоронаи аъзоёни ҷамоат ба амал овардан мумкин аст. Ин чиз аҳамияти калонеро дорост. Худованд мехоҳад ки имондорон пок шаванд (1Таслӯникиён 4:3). Бояд қайд намуд, ки ҳама қоидаҳои ҷамоат дар ягон қисмати Аҳди Навякҷоя ҷамъ оварда нашудаанд, балки дар тӯли ҳамаи бобҳои он ҷойгиранд. Дар қатори онҳо роҳнамоии амалиро барои ҳаёти росткорона ёфтан мумкин аст. Худованд намехоҳад, ки имондорон қоидаҳои Ҷамоатро зоҳирӣ иҷро кунанд, балки хоҳони он аст, ки худи ҳаёти онҳо шаҳодати Ҳақиқат бошад.

Бинобар ин ҷамоат бояд барномаи омӯзиши Китоби Муқаддасро хеле бодиққатона тартиб диҳад. Чунин барнома набояд бе ягон асос аз ҷойҳои гуногун канда гирифташуда бошад, балки омӯзиши пай дар пай ва мунтазами Китоби Муқаддасро ифода кунад. Танҳо дар чунин маврид имондор Сухани Худоро дар он намуде, ки Худованд додааст, қабул хоҳад кард.

Бо вуҷуди он ки омӯзиши чуқур ва пай дар пайи Навиштаҷот гуноҳро пешгирӣ мекунад, як рӯз не як рӯз ба ҳар ҷамоат қабул кардани чораҳои тарбиявӣ-интизомӣ лозим меояд. Ҳангоме ки гуноҳ ба ҳаёти осоиштаи ҷамоат дохил мегардад ва барои ба ҷаҳони атроф шаҳодат додани вай халал мерасонад, набояд беҳаракат истод. Доварии Худо бояд аз Хонаи Худо оғоз шавад (1Петрус 4:17).

## Чораҳои тарбиявӣ-интнзомӣ

Чораҳои тарбиявӣ-интизомӣ ду мақсад доранд: 1) ошкор намудан ва аз ҷамоат хориҷ кардани он шахсоне, ки дар асл тавба накардаанд (дар 1юҳанно 2:19 дар бораи ҳамин хел одамон сухан меравад); 2) ҷазо додан ва насиҳат кардани имондори хатокарда, то ин ки вай дар Худованд ва ҷамоат барқарор гардад. Тартибу интизом воситаест, ки ба шифоёбии рӯҳонӣ меоварад ва ҳеҷ гоҳ аз пайи мақсади дигар нест.

## Хелҳои чораҳои тарбиявӣ-интнзомӣ

Дар Аҳди Нав дараҷаҳои гуногуни чораҳои тарбиявӣ-интизомӣ номбар шудаанд: "Агар бародарат ба муқобили ту гуноҳ содир кунад, ӯро байни худат ва ӯ ошкор намо. Агар ба суханонат гӯш надиҳад, боз як ё ду каси дигарро ҳамроҳи худ бигир. Агар ба онҳо низ гӯш надод, ба ҷамоат бигӯ. Агар ба ҷамоат низ гӯш надод, пас вай барои ту чун бегона бошад" (Матто 18:15-17).

Шакли дигари чорабинӣ фаҳмондан, огоҳонидан мебошад (1Таслӯникиён 5:14). Чораи мазкур дар ҳолате истифода бурда мешавад, ки бародар ба онҳое, ки дар Худованд болотаранд, тобеъ намешавад.

Дар Аҳди Нав мо инчунин дар бораи ду намуди одамон мехонем, ки аз онҳо канораҷӯӣ бояд кард: бекорхӯҷагони беинтизом (2Таслӯникиён 3:11,14,15) ва онҳое ки ҷудоӣ меандозанд (Румиён 16:17,18). Намуди якуми одамон меҳнат кардан намехоҳанд, дуюмин бошанд бо нияти ба даст овардани тарафдорон ва манфиати моддӣ байни имондорон ҷудоӣ меандозанд.

Боз як намуди чорабинӣ: "Аз шахси бидъаткор (шахсе, ки ҳақиқатро барғалат аён мекунад), баъд аз он ки як-ду бор насиҳат додаӣ, канорагирӣ намо" (Титус 3:10). (Аниқ маълум нест, ки ин чора аз ҷамоат хориҷ кардан ё чораи на он қадар қатъиро ифода мекунад).

Хориҷ кардан аз ҷамоат – чораи аз ҳама сахттар мебошад (1Қӯринтиён 5:11,13). Он нисбати зинокорон, ҳаромризқон,

бутпарастон, бадзабонон, бадмастон, ғоратгарон истифода бурда мешавад.

## Аҳамияти далелҳо

Бисёр муҳим аст, ки чораҳои тарбиявӣ-интизомӣ боадолатона, дар асоси маълумотҳои аниқ ва боваринок истифода бурда шаванд. Дар ин бора К. Макинтош чунин навишта буд:

"Мо набояд ба худ дар фикр ё дар ҳузури одамон рухсати ҳукм карданро диҳем, хусусан амал карданро, агар ҳукм бо шаҳодати ду ё се кас тасдиқ нашуда бошад. Шаҳодати як одам, ҳар қадар боваринок бошад ҳам, кифоя нест. Мо метавонем ба суханони одами боваринок боварӣ дошта бошем, вале Худо аз мо дида хирадмандтар аст. Бигзор чунин одам комилан ҳақ аст ва ҳеҷ гоҳ шаҳодати қалбакӣ намедиҳад, вале Худованд ба мо фармудааст, ки сухан бо лафзи ду ё се шоҳид қавӣ мебошад.

Ҷамоат бояд қоидаи бо Худованд муқарраршударо қатъӣ риоя намояд, зеро аҳамиятнокии он дар масъалаи интизом, вақте кор ба обрӯи одам дахл дорад, калон аст. Пеш аз он ки ҷамоат ба қароре биёяд, бояд маълумотҳое пайдо кунад, ки барои қабули қарор асос мебошанд. Агар онҳо набошанд, бояд босаброна интизор шуда, боварӣ кард, ки Худованд шаҳодатҳои зарурӣ хоҳад дод.

Барои мисол, агар дар ҷамоат бадахлоқӣ ё ғалат дар таълимот мавҷуд бошад ва аз он танҳо як одам бохабар бошад, пас ӯ новобаста ба қатъияти боввариаш бояд аз Худованд шаҳодатҳои дигареро мунтазир шавад. Амалиёт дар чунин ҳолат вайрон намудани қоидаи илоҳӣ мебуд. Агар шаҳодати имондор таъсире накард, оё ӯ бояд ранҷад? Албатта не. То даме ки суханонашро ҳеҷ набошад боз як одами дигар тасдиқ накунад, ӯ бояд умуман ҳеҷ чиз нагӯяд. Агар ҷамоат шаҳодати як касро қабул накунад, оё онро бепарво номидан мумкин аст? Албатта не, зеро вай қоидаи илоҳиро риоя мекунад. Бояд дар хотир дошт, ки ин қоида на фақат ба ҷамоат ё ба тартибу интизоми он тааллуқ дорад. Он ҳама ҷиҳатҳоро дар бар мегирад. Бе далел ва асосҳои кофӣ хулоса кардан мумкин нест".

## Идора кардани интизомнокӣ

Дар бораи интизомнокӣ сухан ронда истода, масъалаи онро бардоштан лозим аст, ки чӣ тавр он амалӣ гардонда мешавад. Бояд дар рӯҳи фурӯтанӣ интизомнок намуд. Ҳар кас бояд аз худаш бохабар бошад, то ба озмоиш дучор нашавад (Ғалотиён 6:1). Беғаразона, бе рӯйбинӣ амал кардан лозим аст. Масалан, хешу табор будани вайронкунандаи тартибот набояд ба қабули қарор таъсир расонад. (Такрори Шариат 1:17; Яъқуб 2:1).

Ҳангоми аз ҷамоат хориҷ кардан қарорро бояд на як кас, балки ҳамаи ҷамоат қабул намояд (2Қӯринтиён 2:6). Суханони К. Макинтошро боз меоварам: "Чизе чун аз ҷамоат хориҷ кардани кас андӯҳовар нест. Чунин амали талх, вале ногузир бояд аз ҷониби тамоми ҷамоат ба иҷро расад ва сабаби дарди дилу ашки чашмон гардад. Вале одатан тамоман инчунин намешавад ва ин вазифаи муқаддас ба эълони оддии расмӣ табдил меёбад, ки фалон одам акнун аъзои ҷамоат намебошад. Дар чунин ҳолат набояд ба тааҷҷуб омад, ки чораҳои тартибӣ-интизомӣ ба шахси гуноҳкарда ё ин ки умуман ба ҷамоат таъсири лозимӣ намегузорад.

Дар бораи чӣ тавр нигоҳ доштани тартибу интизом дар 1Қӯринтиён боби 5 гуфта мешавад. Вақте ки аллакай ҳама чиз ошкор асту ба далелҳо ва муҳокимаронии минбаъда зарурат нест, ҷамъомади махсус даъват карда мешавад. Агар имкон бошад, дар чунин ҷамъомад бояд ҳама аъзоён иштирок намоянд, то худро низ доварӣ намуда, аз Худо баракат талабанд, зеро ин гуноҳ ба онҳо ҳам дахл дошта, гуноҳи онҳо низ мебошад. Чунин ҷамъомад барои баҳсу мунозира даъват намешавад. Ҳама далелҳо аллакай аз ҷониби онҳое, ки ба манфиати Худованд ва ҷамоат амал намуданд, дида баромада шуда, қарор қабул шуд. Акнун ҷамоат бояд бо андӯҳу нанг аз байни худ гуноҳкори тавбанакардаро хориҷ карда, аз рӯи адолат ба фармудаи Худо итоат намояд.

Ниҳоят, боз як бори дигар қайд мекунем, ки масеҳиён набояд гуноҳҳои бародарони худро ба дигарон нақл кунанд, балки бараҳнагии онҳоро дар пеши назари беруниён пӯшонанд (Ҳастӣ 9:23).

# Хулоса

Агар ҷамоат чораҳои қатъии интизомӣ қабул намояд, иқоматгоҳи ҳақиқии Худо мегардад.

Инчунин бояд пай бурд, ки мувофиқи таълимоти Аҳди Нав ҳар як имондор вазифадор аст, ки ба ҷамоати маҳаллӣ тааллуқ дошта бошад, вагарна вай аз тартибу интизоми ҷамоат озод мегардад ва чунин озодӣ ба шахсият хатарнок аст.

ДАРСИ ҲАФТУМ

# Равнақу ривоҷи Ҷамоат

Ҳақиқати дигари сазовори диққат , ки ба ҷамоат тааллуқ дорад, он аст, ки ҷамоати маҳаллӣ бояд бахшоишҳои барои равнақу ривоҷи Ҷамоат додашударо истифода барад. Панду насиҳат равнақу ривоҷро ифода мекунад, бинобар ин мо дар ин боб оиди ниятҳои Худованд гап мезанем, ки ба миқдоран ва рӯҳан ташаккул ёфтани Ҷамоат тааллуқ доранд.

Худованд мехоҳад, ки имони масеҳиро ба воситаи ҷамоат паҳн кунад. Ҳар як ҷамоат бояд барои афзоиш ғамхорӣ намояд, то дар оянда ҷамоатҳои нав пайдо гарданд.

Чӣ тавре ки дар боло гуфта шуда буд, Ҷамоат бо истифодаи бахшоишҳое, ки онҳоро ба вай Сари Ҷамоат дод, афзун мешавад.

## Бахшоишҳо дар замони мо

Чанде пеш мо панҷ бахшоишеро хотиррасон карда будем, ки ба ҳаввориён, пайғамбарон, хушхабаррасонон, чӯпонон ва муаллимон хос мебошанд, ва инчунин дар бораи он гуфта будем, ки ду бахшоиши аввал пеш аз ҳама ба ташкилёбии Ҷамоат вобаста буданд, вале вақте Сухани Худо навишта шуд, эҳтиёҷ ба онҳо аз байн рафт. Ин маънои онро дорад, ки имрӯзҳо мо се бахшоишро дорем: хушхабаррасон, чӯпон ва муаллим. Акнун мо барои чӣ даркор будани ин бахшоишҳо ва чӣ тавр зоҳир гардидани онҳоро дида мебароем.

## Бахшоишҳо барои чӣ дода шудаанд?

Мақсади бахшоишҳо дар Эфсӯсиён 4:12,13 нишон дода шудааст: “Барои такмили муқаддасон ба кори ибодат, барои ташаккули Бадани Масеҳ, то даме ки ҳамаамон ба ягонагии имон ва фаҳмиши Писари Худо, ба дараҷаи шахси комил, ба андозаи бузургии пурраи Масеҳ бирасем”.

Дар назари аввал шояд чунин намояд, ки гӯё ин ҷо сухан дар бораи се мақсади гуногун меравад: 1) такмили муқаддасон; 2)

кори ибодат; 3) ташаккули Бадани Масеҳ; вале ин тавр нест. Порчаи матнро бодиққаттар мехонем. Мақсад яктост: мустаҳкам намудани муқаддасон (имондорон) дар имон, то ин ки онҳо дар навбати худ хизмат намоянд, то Бадани Масеҳ рӯҳан ва миқдоран ташаккул ёбад. Хизматро имондорон ба амал меоваранд. Инро дар нақша чунин тасвир кардан мумкин аст:



Фарз мекунем, ки даврачаи сиёҳи дар мобайн буда бахшоиши муаллимро ифода мекунад. Шахси дорои чунин бахшоиш ба дигарон (даврачаҳои сафеди атроф) хизмат мекунад, дигарон бошанд дар навбати худ ба имондорони нав хизмат мекунанд. Ҳамин тавр ҷамоат равнақу ривоҷ меёбад ва меафзояд. Ба ҳамин тариқ, бо кӯмаки усули илоҳӣ дар муддати кӯтоҳ миқдори калони имондорон ба даст оварда мешаванд.

Мувофиқи нақшаи додашуда, фаъолияти хушхабаррасонон, чӯпонон ва муаллимон ҳамеша барои ба хизмат ҷалб намудан ва тайёр кардани дигарон равона шудааст.

Ҳатто агар на ҳама бахшоиши хушхабаррасонӣ, чӯпонӣ ё муаллимиро дошта бошанд ҳам, ҳар кас бояд дар хизмати масеҳӣ иштирок кунад, Худовандро ситоиш карда тавонад, одамонро ба назди Масеҳ оварад, Китоби Муқаддасро омӯзад ва имонро паҳн намояд.

Оиди ин вазифаи масеҳӣ дар 2Тимотиюс 2:2 гуфта мешавад: "Ва он чиро, ки аз ман дар ҳузури шоҳидони бисёр шунидаӣ, ба

одамони бовафое бисупор, ки лаёқат дошта бошанд дигаронро низ таълим диҳанд”. Ин суханонро бо нақшаи зерин тасвир кардан мумкин аст:




Афзалияти чунин амалиёт дар нақшаи додашуда аён аст. Аз як тараф, имони масеҳӣ зуд паҳн мегардад. Аз тарафи дигар, масеҳиёни ҷудогона ба иҷрои вазифаҳое такмил меёбанд, ки дар наздашон Худованд гузоштааст. Такмил ёфта, онҳо ба таъсири таълимотҳои бардурӯғе, ки дар замони мо ниҳоят паҳн гардидаанд, камтар меафтанд. Ҷамоате, ки миқдоран ва рӯҳан меафзояд, симои Бадани Масеҳро дар замин басе аниқтар зоҳир менамояд.

## Сохти имрӯзҳо паҳнгаштаи масеҳият

Вазъият дар масеҳияти ҳозиразамон комилан баръакси ин аст. Одатан барои иҷрои ҳама намуди хизмат дар ҷамоат танҳо як шахс интихоб мешавад. Ин шахс панду насиҳат медиҳад, тавбакардагонро ғӯта медиҳад, барандаи ҷамъомадҳо мебошад – ҳама вазифаҳои рӯҳонии ҷамоатро ба ҷо меоварад. Боқимондагон панду насиҳатҳоро ҳафтае паси ҳафта гӯш мекунанд, аммо дар аксари ҳолатҳо дар ҳаёти ҷамоат умуман фаъолона иштирок кардан намехоҳанд ва чунин мешуморанд, ки хайрия доданашон

кифоя аст. Чунин одамон ба зудӣ “баҳодиҳандагон”-и касбии панду насиҳат мегарданд, вале шахсан худашон Сухани Худоро хуб намедонанд. Ҳамеша хатари он ҳаст, ки онҳо чун “кӯдаконе, ки бо боди ҳар гуна таълим, аз найрангбозии одамон ва аз ҳунари фиребандаи гумроҳкунӣ мекалаванд ва ронда мешаванд...” (Эфсӯсиён 4:14), боқӣ хоҳанд монд. Сохти ҳозираеро, ки дар бораи он мо ҳоло сухан меронем, ба таври зерин тасвир кардан мумкин аст:




Мувофиқи нақшаи додашуда, хизматчие мавҷуд аст, ки хизматро мебарад ва ҷамоате ҳаст, ки бо ҷидду ҷаҳд дар ҷамъомадҳо иштирок мекунад. Имондорон панду насиҳатро гӯш карда, оромона ба машғулиятҳои худ бармегарданд, зарурати дар ҳаёти худ иваз кардани чизе ва ба панду насиҳат ягон хел амали ҷавобӣ доданро ҳис намекунанд. Дар чунин вазъият барои як худи хизматчӣ хеле душвор мешавад. Вале агар ҳама ба номи Худованд фаъол мебуданд, пешравӣ хеле назаррас мебуд.

Александр Макларен ҳамин гуна ақидаҳоро меорад: “Ман чунин мешуморам, ки ба як гурӯҳи расмӣ супоридани ҳамаи панду насиҳати ҷамоат, ки имрӯзҳо дида мешавад, ғайр аз зарар дигар чизе наовардааст. Чаро ҳамеша танҳо як нафар сухан мегӯяд, ва садҳо дигарон, ки худашон таълим дода метавонистанд, хомӯш нишаста гӯш мекунанд? Ман инқилоби зӯроваронаро бад мебинам ва аз байн бурдани ягон хел қоидаҳои

сиёсӣ ё ҷамоавиро бо мақсади иваз намудани онҳо бо қоидаҳои дигар зарур намеҳисобам. Аммо ман чунин меҳисобам, ки агар дараҷаи ҳаёти рӯҳонии мо баландтар мешуд, шаклҳои наве пайдо мешуданд, ки дар онҳо қоидаи олии демократии масеҳият пурратар ифода меёфт: "Рӯҳи Худро бар тамоми башар хоҳам рехт, ва писарону духтарони шумо пайғамбари хоҳанд кард" (Аъмол 2:17).

## Сохти рӯҳониятро аз назар гузаронид

Мо оиди хизматгузории "шахсӣ" сухан ронда, албатта бо саволе рӯ ба рӯ мешавем, ки оё дар Китоби Муқаддас барои ба табақаи махсус ҷудо намудани рӯҳониён асосе ҳаст?

Зери мафҳуми рӯҳониён мо одамонеро дар назар дорем, ки тамоми ҳаёти худро ба хизмат ба Худованд бахшидаанд ва дар панду насиҳат, таълим, ғӯта додан, ёдбуди шоми Худованд эътибори шахсӣ доранд.

Пеш аз ҳама ҳаминро гуфтаниям, ки миқдори зиёди рӯҳониёни касбӣ ба Худованд ба таври оличаноб хизмат мекунанд. Мо бисёр чизҳоро ба шарофати хизматгузорӣ ва меҳнати онҳо ноил гаштаем. Мо ҳамаи онҳоро, ки ба Исои Масеҳ имон доранд, ҳамчун бародаронамон қабул менамоем. Лекин мо бояд аз рӯи виҷдон иқрор шавем, ки дар Аҳди Нав мафҳуми рӯҳоният чун касб вуҷуд надорад. Дар ҳеҷ куҷои он гуфта нашудааст, ки як шахс ҷамоатро роҳбарӣ мекарда бошад.

## Аҳди Нав оиди ин масъала чӣ мегӯяд?

Мафҳуми рӯҳонияти касбӣ дар Аҳди Нав на танҳо тасдиқ намеёбад, балки ба он мухолиф аст. Пеш аз ҳама он қоидаеро вайрон мекунад, ки мувофиқи он ҳамаи имондорон рӯҳонияти шоҳонаи Худоанд (1Петрус 2:5,9). Дар замонҳои Аҳди Қадим табақаи махсуси хизматгорони Худо мавҷуд буданд, ки байни Худо ва мардум меистоданд. Дар масеҳият ҳамаи имондорон хизматгорони Худо буда, ҳама ӯҳдадориҳову бартариҳои аз ин

бармеомадаро дороанд. Ғояи “хизматгузории касбӣ” ба парастиш кардани Худованд танҳо халал мерасонад.

Дигар ин ки тартиби хизматгузории касбӣ хизматро ба дасти як шахс ё гурӯҳи муайян супорида, намегузорад, ки бахшоишҳо дар Ҷамоат озодона истифода бурда шаванд (1Қӯринтиён, бобҳои 12 ва 14).

Ба ҷо овардани маросимҳо ба дасти як табақаи рӯҳониён меафтад, ҳол он ки Навиштаҷот ба ин ягон асосе намедиҳад.
Хизматгузории касбӣ, хизмат барои пул, боиси пайдоиши як сохти иерархӣ (тартиби мансабу мартаба) мегардад. Шахсони соҳиби мартабаи баландтар метавонанд нисбати онҳое, ки дорои мартабаи пасттаранд, усулҳои сунъӣ ва ғайриилоҳиро истифода бурда, ба онҳо фишор оваранд. Масалан, самаранокии хизматгузорӣ метавонад бо шумораи тавбакардагоне баҳо дода шавад, ки дар давоми сол ба ҷамоат қабул шудаанд. Ин на танҳо ба самаранокӣ мусоидат намекунад, балки инчунин барои ба даст овардани натиҷаҳои бештар васвасаи сахти аз будаш паст кардани талаботҳоро ба вуҷуд меоварад. Бандаи Худовандро маҷбур кардан мумкин нест. Бандаи Масеҳ аз хости одамон озод аст (Ғалотиён 1:10).

Хатаре пайдо мешавад, ки одамон на ба номи Худованд, балки ба номи одаме ҷамъ мешаванд. Агар одамонро ба ҷамоати маҳаллӣ як шахси муайян ҷалб кунад, пас бо рафтани ӯ шавқу ҳаваси онҳо низ ба ҷамоат қатъ мегардад. Аммо агар онҳо барои Худованд ҷамъ оянд, пас ҳамеша ба Ӯ бовафо хоҳанд буд.

Мавҷудияти усқуфони касбӣ, ҳарчанд дар назария набошад ҳам, дар амал қоидаи “Масеҳ Сари ҷамоат”-ро паст намуда, баъзан онро инкор ҳам мекунад.

Он касоне, ки “усқуфи ҳозиразамон ба назоратчии Аҳди Нав мувофиқат мекунад” мегӯянд, фаромӯш мекунанд, ки Аҳди Нав на як назоратчиро чун сардори ҷамоат ё гурӯҳи ҷамоатҳо, балки дар як ҷамоат мавҷуд будани якчанд назоратчиёнро лозим медонад (Филиппиён 1:1).
Шубҳае нест, ки бисёр рӯҳониёни касбӣ хизматгорони бомаҳорати Масеҳ дар ҷамоат мебошанд. Вале бахшоиш на аз таъин намудани одам ба вазифаи назоратчӣ ё ягон вазифаи дигар, балки ба хоҳиши Худи Масеҳ вобаста аст. Рӯҳонии касбӣ бояд

чунин хизмат намояд, ки имондорон панду насиҳат ёбанд ва мақоми фаъолро ишғол намоянд, на ин ки ҳамеша ба худи ӯ вобаста бошанд.

Дар байни онҳое, ки ба вазифаи рӯҳониён таъин шудаанд, касоне вомехӯранд, ки Худованд онҳоро даъват накардааст. Чӣ қадар бадӣ расондани чунин одамонро ҳоҷати гуфтан нест.

Хулоса, дар ҷое ки як шахс барои ҳамаи панду насиҳати ҷамоат ҷавобгар аст, он ҷо хатари муносибати яктарафа ва ҳатто таълимоти бардурӯғ низ вуҷуд дорад. Аз тарафи дигар, он ҷое ки Рӯҳи Муқаддас ба воситаи бахшоишҳои гуногун дар ҷамоат озодона фаъолият карда метавонад, дар он ҷо ҷиҳатҳои гуногуни ҳақиқат аён мегарданд, аз таълимоти бардурӯғ ва хатоҳо ҳимоя таъмин мегардад, зеро ҳамаи имондорон панду насиҳатро бо Китоби Муқаддас тафтиш мекунанд.

# Хулоса

Ҳамин тариқ, хизматгузории рӯҳониёни касбӣ, бо вуҷуди он ки Худованд онро аксар вақт баракат медиҳад, ба таълимоти Аҳди Нав ва манфиатҳои Ҷамоат пурра зид аст.

Худованд ба имондорон бахшоишҳо медиҳад, онҳо бошанд дар навбати худ дар асоси онҳо хизмат мекунанд. Ҷамоати маҳаллӣ бояд ин қоидаро эътироф намуда, ҳеҷ як кореро, ки ба он зид аст, накунад. Дар натиҷаи чунин хизматгузорӣ беимонон тавба мекунанд, имондорон панду насиҳат меёбанд, ҷамоатҳои масеҳии нав пайдо мегарданд.

ДАРСИ ҲАШТУМ

# Худро ба Худо бахшидан

## Рӯҳонияти имондорон

Қоидаи ҳафтум ва охирин: ҳама имондорон – рӯҳониёни муқаддаси Худоанд. Ҷамоати маҳаллӣ бояд ҳар гуна намуди дигари рӯҳониятро рад намуда, оиди ин қоида шаҳодат диҳад ва барои он кӯшиш кунад, ки ҳама имондорон якҷоя ва ҳар як имондор алоҳида вазифаи муқаддаси худро ҳар чӣ беҳтар ба ҷо оваранд.

1. Дар замонҳои Аҳди Қадим танҳо он шахс рӯҳонӣ шуда метавонист, ки аз қабилаи Левӣ, аз насли Ҳорун бошад. Рӯҳониён сарулибоси махсус мепӯшиданд, бартариҳо доштанд, аз мардуми боқимонда ҷудо карда шуда, гӯё байни он ва Худо мавқеъ доштанд. Танҳо онҳо ҳуқуқ доштанд, ки ба Хонаи Худо дохил шуда, қурбониҳои бо шариат муқарраршударо биоваранд.

   Дар масеҳият ҳамаи ин тағйир ёфт. Акнун, мувофиқи Аҳди Нав, ҳар як имондор рӯҳонӣ мебошад: “Худатон низ, ҳамчун сангҳои зинда, аз худ хонаи рӯҳонӣ, рӯҳонияти муқаддас барпо намоед, то ки қурбониҳои рӯҳонии мақбули Худоро ба воситаи Исои Масеҳ тақдим кунед” (1Петрус 2:5). Дар 1Петрус 2:9 гуфта мешавад: “Лекин шумо насли интихобшуда, рӯҳонияти шоҳона, халқи муқаддас, қавме ҳастед, ки мулки азизи Худо дониста шудаед, то аз камолоти Ӯ, ки шуморо аз зулмот ба рӯшноии аҷоиби Худ даъват намудааст, нақл кунед”. Ваҳй 1:5,6 ба мо мегӯяд: “Ӯро, ки моро дӯст медорад ва моро аз гуноҳҳоямон бо хуни Худ халосӣ дод, ва моро барои Худо ва Падари Худ подшоҳон ва рӯҳониён гардонд, то абад ҷалол ва салтанат бод! Омин”.

2. Яке аз муҳимтарин вазифаҳои шахси рӯҳонӣ қурбонӣ овардан аст. Дар замонҳои Аҳди Қадим ҳайвонотро қурбонӣ

менамуданд. Аммо имрӯзҳо имондор чиро ба қурбонӣ меоварад?

а. **Бадани худ** (Румиён 12:1): Ин қурбонии беҷон набуда, балки “зинда, муқаддас ва писандидаи Худост”.

б. **Воситаҳои моддӣ** (Ибриён 13:16): “Инчунин инсондӯстӣ ва саховатро аз хотир набароред, зеро ки ин гуна қурбониҳо ба Худо писанд меоянд”.

в. **Ситоиш** (Ибриён 13:15): “Инак ҳамеша ба воситаи Ӯ қурбонии шукронаро ба Худо тақдим менамоем, яъне самараи лабҳоеро, ки ба исми Ӯ ҳамду сано мехонанд”.

Қурбонии ситоишро ҳам алоҳида ва ҳам дар якҷоягӣ овардан лозим аст. Ҳоло ситоиши якҷояе, ки дар он ҳар як имондор метавонист озодона иштирок кунад, бо ҷамъомадҳои якрангу қолабӣ (сахт ба тартиб даровардашуда) иваз шудааст. Дар натиҷа рӯҳонияти “бесадо” пайдо шудааст, ки шумо бо он дар ҳеҷ куҷои Навиштаҷот вонамехӯред.

3. Вазифаҳои шахси рӯҳонӣ (ва имондор низ) инчунин дуо кардан, шаҳодат дар бораи Худованд, ғамхорӣ барои халқи Худо мебошад. Оиди ин масъала чӣ гуфтани Навиштаҷотро омӯхта (Румиён 8:14; Ғалотиён 5:18; юҳанно 16:13), мо мебинем, ки иҷрои ин вазифаҳо на ин ки танҳо рӯзи якшанбе, балки бояд тамоми ҳаёти моро аз пагоҳии барвақт то бегоҳӣ, ҳамаи рӯзҳои ҳафтаро дар бар гирад. Он на танҳо ҷамъомадҳо, дуо, таҳлил ва хониши Китоби Муқаддас, яъне он чизеро, ки дар дохили ҷамоат ба вуҷуд меояд, дар бар мегирад. Ин вазифаи муқаддас бояд одамро пурра фаро гирад. Танҳо дар ин ҳолат халқи Худоро “рӯҳонияти шоҳона, халқи муқаддас” номидан мумкин аст (Хуруҷ 19:6; 1Петрус 2:5,9).

4. Ҳар як имондор рӯҳонӣ мебошад ва дар ин шубҳае нест. Вале ба ғайр аз ин ӯ худаш низ ба шахси рӯҳоние эҳтиёҷ дорад ва онро дар Исои Масеҳ пайдо мекунад. Нома ба Ибриён ба мо Масеҳро чун Саррӯҳонӣ нишон медиҳад, ки дар заифии мо ҳамдардӣ менамояд, зеро ба монанди мо “дар ҳама чиз озмудаи васвасае шуд, вале гуноҳ накард” (Ибриён 4:15).

5. Ҳамин тариқ, ҳар як ҷамоати маҳаллӣ бояд Масеҳро чун Саррӯҳонӣ, имондоронро бошад муқаддас ва рӯҳонияти шоҳона эътироф кунад. Оё ин қоида имрӯзҳо риоя карда мешавад? Мутаассифона не. Ҷамоати масеҳӣ ба сохти яҳудӣ баргашта истодааст. Он рӯҳонияти ҳама имондоронро танҳо дар сухан баён карда, дар асл сохти махсуси рӯҳониёнро ба вуҷуд оварда истодааст, ки ба оне ки дар замони Мусо буд, монанд аст:

а. синфи махсуси одамонеро, ки рафти ҷамъомадро роҳбари мекунанд, аз дигарон ҷудо мекунад.

б. дар ҷамоат тартиби мансабу мартабаро бо унвонҳои овозадор ҷорӣ мекунад, ки соҳибони онро аз имондорони боқимонда фарқ кунонида, кӯшиш мекунад, ки мақоми ин синфро мустаҳкам намояд.

Ба ғайр аз ин, ҷамоат аз сохти яҳудӣ чунин маросимҳоро мерос гирифтааст:

в. табаррук гардондани иморат, минбар, ки аз он панду насиҳат мегӯянд, асбобу анҷоми ҷамоат ва чизҳои дигари парастишӣ;

г. маросимҳои тантанавие, ки ба ҳиссиёт таъсир мекунанд;

д. солномаи ҷамоатӣ бо идҳои динӣ, рӯзҳои муқаддасон ва ғ.

"Шубҳае нест, ки омехта кунонидани ҷамоат бо сохти яҳудӣ ба равнақу ривоҷи он халал мерасонад, намегузорад, ки вай вазифаи худро иҷро намояд, рӯҳонияти вайро аз ҳама сабабҳои дигар дида бештар хароб мекунад. Ҷамоат ба ҷои ҷаҳонро тарк намуда Худовандро пайравӣ намудан, аз зери таъсири Ӯ баромад, саргарми ба даст овардани боигарӣ, маросимҳои дабдабанок, бино кардани ибодатхонаҳои боҳашамат, баракат додани қӯшунҳо дар низоъҳои ҳарбӣ ва ҷудо кардани имондорон ба рӯҳонияту пешвоҳо шуд".

Ҳоло Худо моро даъват мекунад, ки ба номи Исои Масеҳ аз чунин тақсимот даст кашем.

6. Танҳо он ҷамоати маҳаллӣ ба қоидаи илоҳии рӯҳоният мувофиқат мекунад, ки дар он:

- ҷамъомадҳои дуохонии аз Рӯҳ пур мунтазам ва оммавӣ мегузаранд;
- имондорон – ҳамкорон дар киштзори Худованданд;

• имондорон ҳар гуна имкониятро истифода бурда, доимо хушхабар мерасонанд: аз шаҳодати шахсӣ сар карда то чорабиниҳои махсус дар стадиону залҳои консертӣ ташкил кардашуда;
• муҳити рӯҳониву одамдӯстона ҳукмфармост, ҳама барои якдигар ғамхорӣ ва дуо карда, бо ин якдигарро ба муҳаббат ва корҳои нек шавқманд менамоянд.

Ҷамъомадҳо дар чунин ҷамоат таҳти роҳнамоии Рӯҳи Муқаддас мегузаранд. Бахшоишҳои Рӯҳ, ки Худованд тақсим намудааст, дар гуногуншаклии аз тарафи Худо додашуда, дар асоси муҳаббати бародарона ва тобеъият ба Масеҳ, ва чӣ тавре ки аз ин бармеояд, дар озодии муқаддас дар Рӯҳ вусъат меёбанд (1Қӯринтиён 12:4-11; 14:26). Ва ҳангоме ки ҷамоат барои ёдоварии шоми Худованд ҷамъ омада, қурбонии Ҳолҷоторо ситоиш мекунад, ситоиши вай ба Даргоҳи Осмонӣ рафта мерасад. Бартарии рӯҳоният, ки ба ҷамоат дода шудааст, маҳз аз ҳамин иборат аст.

Мо муоинаи ҳафт қоидаи асосии Ҷамоати умумиҷаҳониро, ки ҷамоати маҳаллӣ бояд дар бораи онҳо шаҳодат диҳад, ба охир расонда, боз як бори дигар қайд менамоем, ки ҷамоати маҳаллӣ – Бадани Масеҳ дар шакли хурд аст. Инро бояд дар хотир нигоҳ дошт, бо вуҷуди он ки боз дигар ҳақиқатҳои муҳими ба Ҷамоат тааллуқдошта мавҷуданд. Акнун мо масъалаҳои зеринро дида мебароем, ки бо мавзӯи хотимавии дарси охирин “Ба пеш ба назди Масеҳ” ҷамъбаст мешаванд:

- фармудаҳои ҷамоат
- ҷамъомади дуохонӣ
- назоратчиён ва хизматгузорони ҷамоат
- масъалаҳои молиявии ҷамоат
- хизматгузории занон

# Ғӯта

Ҷамоати масеҳи ду амали рамзиро ба ҷо меорад, ки ғӯта додан ва ёдбуди шоми Худованд мебошанд. Ғӯта гирифтанро Исои Масеҳ дар Инҷил фармудааст (Матто 28:19). Зарурати ғӯта гирифтанро масеҳиёни аввал тасдиқ мекарданд (Аъмол 10:47,48) ва ҳаввориён дар Номаҳо ошкор менамуданд (Румиён 6:3-10). Агар ба таври қатъӣ гӯем, ғӯта доданро на ҷамоати маҳаллӣ, балки аниқтараш хушхабаррасонон бояд ба ҷо оваранд. Дар Аъмоли Ҳаввориён ба одам дарҳол пас аз тавба карданаш, дар асоси имони ӯ ба Масеҳ ғӯта медоданд.

1. Аҳди Нав оиди се намуди асосии ғӯта сухан меронад. Пеш аз ҳама дар бораи **ғӯтаи Яҳё** (Марқус 1:4). Саромади Масеҳи меомада, Яҳё, халқи Исроилро даъват мекард, ки тавба кунанд ва самаре биоваранд, ки сазовори тавба бошад (Матто 3:8). Одамоне, ки наздаш меомаданд, дар гуноҳҳояшон иқрор мешуданд, барои тавба ғӯта мегирифтанд ва худро аз роҳи пургуноҳи мардуми боқимонда ҷудо мекарданд. Исои Масеҳ ғӯтаи Яҳёро на барои он гирифт, ки зарурати дар ягон гуноҳ тавба карданро дошт, балки барои он ки Худро бо қисми тавбакардаи Исроил монанд созад ва инчунин “ҳар навъ ҳақиқатро ба ҷо оварад” (Матто 3:15).

   Дуюм, дар бораи **ғӯта гирифтани имондорон**, ё ғӯта ба номи Исои Масеҳ (Румиён 6:3,4), яъне ба Масеҳ монанд кардани худ дар марги Ӯ. Дар ин хусус мо баъдтар гап мезанем.

   Сеюм, оиди **ғӯта бо Рӯҳи Муқаддас** (1Қӯринтиён 12:13). Рӯҳ ҳамаи ба Наҷотдиҳанда имон доштагонро дар Бадани Масеҳ як ҷо муттаҳид мекунад.

2. Се намуди ғӯтаро муқоиса намуда, чунин гуфтан мумкин аст:
   - Ғӯтаи Яҳё аз ғӯта бо Рӯҳи Муқаддас фарқ мекунад. Ин чиз дар Матто 3:11 таъкид карда шудааст.
   - Ғӯтаи Яҳё аз ғӯта ба номи Масеҳ фарқ мекунад. Дар Аъмол 19:1-5 дар бораи он нақл карда мешавад, ки ғӯтаи Яҳёро қабулкардагон аз нав ба номи Исои Масеҳ ғӯта мегирифтанд.

- Ғӯта бо Рӯҳи Муқаддас аз ғӯта ба номи Масеҳ фарқ мекунад. Баъзеҳо чунин фикр мекунанд, ки ғӯта бо об рамзи ғӯта бо Рӯҳ аст. **Вале ин тавр нест. Ин ду намуди гуногуни ғӯта мебошад.** Ғута ба номи Исои Масеҳ марги он чизест, ки гузаштааст, ғӯта бо Рӯҳи Муқаддас бошад ба Бадани Масеҳ дохил шудан мебошад.

Хулоса, ҳар се намуди ғӯтаро бо ҳам омехта кардан лозим нест.

3. Мувофиқи Аҳди Нав, баъд аз рӯзи Пантикост танҳо одамони ба Исои Масеҳ имоноварда ғӯта мегирифтанд: "Пас онҳое ки сухани ӯро бо рағбат қабул карданд, ғӯта гирифтанд..." (Аъмол 2:41). "Лекин вақте ки ба хушхабари Филиппус дар бораи Подшоҳии Худо ва исми Исои Масеҳ имон оварданд, мардон ва занон ғӯта гирифтанд" (Аъмол 8:12). Дар Навиштаҷот якчанд бор дар бораи он гуфта мешавад, ки аҳли хонавода ғӯта гирифтанд (Аъмол 16:15; 1Қӯринтиён 1:16), аммо дар ҳеҷ ҷои он гуфта нашудааст, ки кӯдакон низ дар қатори онҳо буданд.

4. Маънои ғӯта ба Номи Исои Масеҳ дар Румиён 6:1-10 фаҳмонида мешавад. Вақте ки Исои Масеҳ мурд, ба зери обҳо ва мавҷҳои ғазаби Худо фурӯ рафт (Забур 41:8). Ӯ инро ба ҷои мо кард. Агар Ӯ ба ҷои мо мурда бошад, пас мо низ ҳамроҳи Ӯ мурдем. Ӯ мурд ва бо ҳамин гуноҳҳои моро барои ҳамеша аз байн бурд, бинобар ин, мо ҳамроҳи Ӯ мурда, аз пардохтани музди гуноҳ озод шудем. Худо ҳар як шахси ба Масеҳ имоновардаро ҳамроҳи Ӯ мехкӯбшуда меҳисобад. Ҷисми шахси гунаҳкор дар чӯб мехкӯб монд. Ғӯта он чизеро нишон медиҳад, ки аллакай дар вуҷуди одам рӯй додааст. Ӯ ба об фурӯ рафта, чунин мегӯяд: "Ман гуноҳкор ва сазовори марг мебошам. Аммо вақте ки Масеҳ мурд, ман низ ҳамроҳи Ӯ мурдам. Вақте ки Масеҳ дафн карда шуд, ман низ ҳамроҳи Ӯ дафн шудам. Акнун ман дарк менамоям, ки табиати кӯҳнаи инсонии ман бояд аз назари Худо абадан ронда шавад". Ва чуноне ки Масеҳ аз мурдагон зинда шуд, имондор низ чун рамзи ин аз обҳои ғӯта дубора ба ҳаёти нав зинда мегардад. Ӯ ба инсони нав табдил ёфт. Вай дигар ҳеҷ гоҳ барои роҳати худ

зиндагӣ намекунад, балки ҳаёти худро ба Наҷотдиҳанда медиҳад, то ки Вай дар ӯ зиндагӣ кунад.

Ғӯта рамзи интиҳои ҳаёти гузашта аст. Он ошкоро эътироф намудани хости Худованд мебошад (Матто 28:19,20), ки марги имондорро бо Масеҳ ифода менамояд. Он ба одам наҷот намебахшад. Ғӯтаро онҳое мегиранд, ки аллакай наҷот ёфтаанд.

5. Дар бораи тарзи ғӯта додан баҳсҳои беохир мераванд: ба воситаи об пошидан ё зери об кардан. Ҳақиқатҳои зерин барои ҳалли масъала ёрӣ мерасонанд:
   а. Феъли "ғӯта додан" дар матни аслии Аҳди Нав бо калимаи юнонии "баптизо" мувофиқат мекунад, ки маънояш "ғӯта занондан", "зери об кардан" мебошад.
   б. Дар бораи ғӯта гирифтани Исои Масеҳ мо чунин мехонем: "Ва Масеҳ ғӯта гирифта, дарҳол **аз об баромад**" (Матто 3:16).
   в. юҳанно дар энӯни назди Солим ғӯта медод, "чунки дар он ҷо **об бисёр буд**" (юҳанно 3:23).
   г. Инак ҳикоя дар бораи ғӯта гирифтани марди ҳабашӣ: "Ва ҳар ду, Филиппус ва хоҷасаро, **ба об фуромаданд**; ва ӯро ғӯта дод. Вақте ки **аз об баромаданд**, ... хоҷасаро ... роҳи худро бо хурсандӣ давом дод" (Аъмол 8:38,39).
   д. Ҳамин тавр, ғӯта ба дафн мувофиқат мекунад (Румиён 6:3). Об пошидан дар ҳеҷ сурат мафҳуми дафнро тасвир карда наметавонад, дар ҳоле ки зери об шудан инро ниҳоят аниқ ифода мекунад.

6. Вале аз ғӯта дида муҳимтараш он аст, ки дар дили одам ба амал меояд. Ҳазорҳо одамон ба об медаромаданд, вале ғӯта намеёфтанд. Ғӯтаи ҳақиқиро на он шахсе мегирифт, ки маросимро иҷро мекард, балки оне ки ҳаёташ ифодагари марги табиати инсонии кӯҳна, яъне ҷисм аст. Ғӯта на танҳо шаҳодати ошкорона, балки пеш аз ҳама ҳолати рӯҳии инсон аст.

   Агар дар Румиён 2:25-29 калимаи "хатна"-ро бо "ғӯта" иваз карда, онро ба таври дигар баён кунем, ин порча гуфтаҳои моро ниҳоят аниқ ифода мекунад: "Ғӯта фоиданок аст, ба шарте ки Инҷилро риоя кунӣ; аммо агар Инҷилро вайрон кунӣ, ғӯта

гирифтани ту ба ғӯта нагирифтан мубаддал шуд. Пас агар шахси ғӯтанагирифтае фармудаҳои Инҷилро риоя кунад, оё ғӯта нагирифтанаш чун ғӯта гирифтан шумурда намешавад? Ва шахси табиатан ғӯта нагирифта, ки Инҷилро риоя мекунад, оё туро маҳкум намекунад, ки дорои Навиштаҳо ва ғӯта ҳастию Инҷилро вайрон мекунӣ? Зеро масеҳӣ на он касест, ки зоҳиран чунин бошад, ва ғӯта на он чизест, ки бар ҷисм намоён бошад, балки масеҳӣ он кас аст, ки ботинан чунин бошад, ва ғӯта он чизест, ки дар дил мувофиқи рӯҳ, на ин ки мувофиқи ҳарф ҷо дошта бошад; ва ҳамд ба чунин одам на аз ҷониби одамон, балки аз ҷониби Худост".

7. Он ақидае, ки танҳо хизматгузори ҷамоат бояд ғӯта диҳад, дар Навиштаҷот асос намеёбад. Ҳар як имондор метавонад ғӯта диҳад.

8. Дар ибтидои масеҳият одатан шахсони ғӯтагирифтаро таъқиб менамуданд, ба қатл мерасонданд, вале тавбакардагони нав ғӯта гирифта, ҷои азияткашидагонро мегирифтанд.

   Дар замони мо низ кишварҳое ҳастанд, ки дар онҳо ғӯтагирифтагонро таъқиб мекунанд. То даме ки имондор танҳо дар сухан пайрави Масеҳ аст, ӯро тоқат мекунанд, вале ҳамин ки ӯ ғӯта гирифта "дар назди умум" гузаштаро тарк намуд, душманони Масеҳ бо ӯ муборизаи шадидро оғоз мекунанд.

   Вале арзиши он ҳар қадар баланд бошад ҳам, оиди ҳар як шахси ғӯтагирифта ҳамон чизеро гуфтан мумкин аст, ки дар бораи хоҷасарои ҳабашӣ гуфта шудааст: "...роҳи худро бо хурсандӣ давом дод".

ДАРСИ НӮҲУМ

# Ба назди Худо омадан

## Ёдбуди шоми Худованд

Ин аҳкоми тантанавӣ аз ҷониби Исои Масеҳ, дар он шабе, ки Яҳудо ба Ӯ хиёнат намуд, дода шуда буд. Пас аз он ки Масеҳ бо шогирдонаш "Иди гузариш"-ро бори охирин қайд намуд, дарҳол ба онҳо фармуд, ки шоми Худовандро ба ҷо оваранд: "Ва нонро гирифта, шукргузорӣ намуд ва пора карда, ба онҳо доду гуфт: Ин Бадани Ман аст, ки барои шумо таслим карда мешавад; инро барои хотираи Ман ба ҷо оваред. Ҳамчунин косаро баъд аз таоми шом гирифта, гуфт: Ин коса аҳди нав аст дар Хуни Ман, ки барои шумо рехта мешавад" (Луқо 22:19,20).

1. **Аҳамняти ёдбуди шоми Худованд.** Мо якчанд ҳақиқатҳоеро баён мекунем, ки аҳамияти калон доштани ёдбуди шоми Худовандро тасдиқ мекунанд. Шоми Худованд – амали ёдоварӣ аст: "...Инро барои хотираи Ман ба ҷо оваред", – гуфт Худованд. Ҳангоми он имондорон азият ва марги Масеҳро ба ёд оварда, ба Бадани Ӯ, ки барои онҳо таслим шуд ва Хуни Ӯ, ки барояшон рехта шуд, шарик мешаванд. Ҳамаи он чизе ки дар Ҷолҷото рӯй дода буд, дар хотири ҷамоат зоҳир шуда, он маънои муқаддаси рӯйдодаро сарфаҳм меравад. Вақте мо азиятҳои Худовандро ба ёд меоварем, Ӯро ситоиш накарда наметавонем. Бинобар ин шоми Худованд вақти таъзим ба Худо барои муҳаббати Ӯ ва ҳамаи он чизе мебошад, ки Ӯ бароямон кард.

   Ёдбуди шоми Худованд шаҳодати оммавии ягонагии Бадани Масеҳ аст. Нон рамзи Бадани Масеҳ аст, ки аз ҳамаи имондорони ҳақиқӣ иборат мебошад. Шахси масеҳӣ бо чашидани бурдаи нон ягонагии худро бо ҳамаи фарзандони ҳақиқии Худо тасдиқ мекунад. Бо чашидани шарбати коса ӯ ягонагии худро бо ҳамаи онҳое, ки бо Хуни бебаҳои Масеҳ пок шудаанд, эътироф мекунад (1Қӯринтиён 10:16,17).

   Ниҳоят, шоми Худованд бозгашти Онеро хотиррасон мекунад, ки ин шомро барқарор намудааст: "Зеро ҳар боре ки ин нонро

мехӯред ва ин косаро менӯшед, марги Худовандро эълон мекунед, то даме ки Ӯ биёяд” (1Қӯринтиён 11:26). Ҳамин тариқ имондор на танҳо Ҷолҷото ва азияти Масеҳро ёдоварӣ мекунад, на танҳо дуоҳову таъзими худро назди даргоҳи Худованд меоварад, балки инчунин ба оянда, ба бозгашти Масеҳ барои гирифтани халқи Худ менигарад.

2. Китоби Муқаддас оиди **то чӣ андоза мунтазам ба ҷо овардани ёдбуди шоми Худованд** на аз рӯи шариат, балки аз рӯи файз сухан меронад. Дар Аъмол 20:7 чунин гуфта мешавад: “Рӯзи якшанбе, вақте ки шогирдон барои нон шикастан ҷамъ шуданд...”. Рӯзи якшанбе рӯзи аз мурдагон зинда шудани Худованд аст. Ин рӯз барои ибодату ёдварии Худованд Исои Масеҳ аз дигар рӯзҳои ҳафта дида бештар мувофиқ аст. Дар 1Қӯринтиён 11:26 оиди то чӣ андоза мунтазам ба ҷо овардани шоми Худованд чунин гуфта мешавад: “Зеро ҳар боре ки ин нонро мехӯред ва ин косаро менӯшед...”. Агар касе баён кунад, ки ёдбудро боре дар як ё се моҳ ба ҷо овардан лозим аст, бо ин ба Китоби Муқаддас ақидаҳои шахсии худро илова мекунад. эҳтимол шогирдони аввал барои ёдбуди шоми Худованд ҳар ҳафта ҷамъ мешуданд.

Чарлз Сперҷен ба тарафдории ҳар ҳафта ба ҷо овардани ёдбуди шоми Худованд баромада, чунин навишта буд: “На танҳо ман, балки инчунин бисёр имондорон, ки ёдбудро ҳар ҳафта ба ҷо меоваранд, ба шумо тасдиқ мекунанд, ки ин фармуда аҳамияти худро ҳеҷ гоҳ гум намекунад. Дар ин рӯз дар бораи ҳар чизе ки сухан наравад – пайдоиши дунё, ё ин ки таърихи халқи Исроил, ёдбуди шоми Худованд ҳама вақт дар он мавқеи худро дорад. Нанг ба он ҷамоате, ки ёдбудро танҳо боре дар як моҳ ба ҷо оварда, якшанбе – рӯзи Худовандро аз ҷалоли он, ки дар мулоқоти якҷоя ва шоми Худованд аст, маҳрум месозад. Касоне, ки хушбахтии ҳар ҳафта ба ҷо овардани ёдбуди шоми Худовандро дарк намуданд, дар ҳеҷ сурат ба дертар ба ҷо оварадани он розӣ намешаванд”.

Ҷонатан Эдварс низ ба тарафдории ҳар ҳафта ба ҷо овардани ёдбуди шоми Худованд чунин навишта буд: “Аз Китоби Муқаддас аён аст, ки масеҳиёни аввал ҳар якшанбе ба хотири

Худованд ҷамъ мешуданд, бинобар ин ман умед дорам, ки ҷамоати масеҳӣ дар ояндаи наздик ба ин амалия бармегардад".

3. ҳоҷати фаҳмондан нест, ки **дар ёдбуди шоми Худованд танҳо масеҳиён метавонанд иштирок кунанд.** Дар он танҳо онҳое шарик шуда метавонанд, ки бо Хуни Масеҳ пок шудаанд, зеро танҳо чунин одамон метавонанд ба маънии муқаддаси ёдбуд сарфаҳм раванд. Масеҳиён бояд аввал худро имтиҳон карда, баъд нону шарбатро чашанд (1Қӯринтиён 11:28). Бояд гуноҳро эътироф карда онро гузошт ва сипас ба ёдбуд шурӯъ намуд (1Қӯринтиён 11:21,22). Аммо агар касе худро имтиҳон накарда ба ёдбуд даст занад, аз Худованд ҷазо мебинад (1Қӯринтиён 11:27,29-32).

   Албатта, дар ёдбуд иштирок кардаву Масеҳро ба ёд наовардан аз имкон дур нест, вале дар чунин ҳолат амри Худованд ба маросими оддӣ табдил ёфта, дили мо хомӯш мемонад. Мо танҳо дар он ҳолат бо Худованд робита хоҳем дошт, ки агар амри Ӯро – "Маро ба ёд овар" – ба ҷо меоварем.

## Ҷамъомади дуохонӣ

Аҳди Нав оиди ҷамъомадҳо дар ҷамоатҳои маҳаллӣ кам нақл мекунад. Мо медонем, ки масеҳиён барои дидорбинӣ, ёдоварии шоми Худованд, омӯзиши Сухани Худо ва дуо ҷамъ меомаданд (Аъмол 2:42). Ҳамаи боқимонда гӯё ки бо парда пӯшидааст. Аз Аҳди Нав маълум аст, ки бо хушхабаррасонӣ масеҳиёни алоҳида машғул мешуданд. Онҳо инро берун аз ҷамоат, дар ҷои беимонон мекарданд, бо мақсади он ки наҷотёфтагонро ба ҷамоат биоваранд.

Дар ҷамоатҳои массеҳиёни аввал аз ҳама ҷамъомадҳо муҳимтаринаш ҷамъомади дуохонӣ буд. Дар асл худи Ҷамоат дар ҷамъомади дуохонӣ тавлид ёфт (Аъмол 1:14), ва баъд аз он масеҳиён "...бо дуо гуфтан машғул буданд" (Аъмол 2:42). Таърихи Ҷамоат пурра ба шарофати ҷавоби Худованд ба дуоҳои он имконпазир шуд.

1. **Ваъдаи махсус.** Дуои умумӣ на танҳо маънои рӯҳонӣ дорад, балки инчунин ваъдаи махсуси Худованд Исои Масеҳ – Шахсан ҳузур доштани Ӯро ифода мекунад ва инро ҳамеша дар хотир нигоҳ доштани мо хуб аст. Дар Матто 18:19,20 гуфта мешавад: “Ҳамчунин ба ростӣ ба шумо мегӯям, ки агар ду нафар аз шумо дар рӯи замин дар бораи талабидани ҳар чиз розӣ шаванд, аз тарафи Падари Ман, ки дар осмон аст, ба онҳо бахшида хоҳад шуд. Зеро дар ҷое ки ду ё се кас ба номи Ман ҷамъ шаванд, Ман дар миёни онҳо ҳастам”. Аз ин дида аниқтар гуфтан мумкин нест: якум, агар ду имондор аз Худо чизе талабанд ба онҳо дода мешавад; дуюм, агар масеҳиён ба номи Масеҳ ҷамъ шаванд, Ӯ дар байни онҳо хоҳад буд”.

2. **Чӣ тавр бояд гурӯҳӣ дуо кард?** Оиди дуои якҷоя бояд дар хотир нигоҳ дошт, ки дар ҷамъомади дуохонӣ як кас бо овоз ва боқимондагон ин вақт дар дил дуо мекунанд. Шахси бо овоз дуогӯянда дуоҳои ҳамаи ҳузурдоштагонро ифода мекунад. Дигарон бошанд ба суханони ӯ пайравӣ намуда, онҳоро ба худ нисбат медиҳанд. Одатан онҳо чунин ягонагии рӯҳро “омин” гуфта баён мекунанд. Бояд қайд намуд, ки байни ҳақиқатан дуо кардани мо ва ба таври автоматӣ сухан гуфтанамон фарқи калон вуҷуд дорад.

   Барои ҷамъомади дуохонӣ аз дуоҳои одатшуда, ки дар онҳо дил иштирок намекунад, чизи даҳшатноктаре нест. Мо қариб ҳама вақт худи ҳамон як мурочиатҳову хоҳишҳоро такрор мекунем. Чунин дуоҳо аз шифти хона болотар намераванд. Дуоҳои навимонон одатан тару тозаву гарманд, вале онҳое ки дер боз имон овардаанд, бисёр вақт аз рӯи нақшаи барои ҳамеша қабулшуда дуо мекунанд. Чунин дуо на ба Худо ва на ба одам ҳеҷ чиз намедиҳад: “Ҷамъомадҳое, ки дар онҳо дуоҳо аз рӯи вазифадорӣ гуфта мешаванд, бояд барҳам дода шаванд”.

   Хатари дигар – дуоҳои бениҳоят дароз. Навиштаҷот даъват мекунад, ки пайваста дуо кунем, аммо ин маънои онро надорад, ки ба як одам иҷозат дода шудааст ҳама вақти ҷамъомади дуохониро ишғол кунад. Дуоҳои кӯтоҳи одамони гуногун дигар одамонро низ ба дуо гуфтан водор месозад.

Ба ғайр аз ин, дуоҳои мо бояд аниқ бошанд. Мисол, ин хел дуо накунед: “Худовандо, бисёр одамони ин ҷаҳонро наҷот бидеҳ”, – балки чунин дуо кунед: “Худовандо, бародари ман Муродро наҷот деҳ”. Вақте ки Мурод тавба кард, шумо дарк мекунед, ки ҷавоби дуоятонро гирифтед ва барои дигарон низ, номҳои онҳоро гирифта, бо ғайрати бештар хоҳиш хоҳед кард.

3. **Аниқ дуо кунед.** Ҷамъомади дуохонӣ набояд дилгиркунанда бошад. Бисёр дархостҳои аниқ мавҷуданд, ки мо метавонем оиди онҳо ба Тахти Файз муроҷиат намоем. Масалан:

Ҳукуматдорони худро ба ном баён карда, барои онҳо дуо кунед. Хоҳиш намоед, ки онҳо наҷот ёфта тавонанд, то ин ки мо “ором ва сокит” умр гузаронем (1Тимотиюс 2:2).

Барои он аъзоёни ҷамоат, ки беморанд, дуо кунед. Худованд номҳои онҳоро медонад, вале баъзе имондорон шояд надонанд, барои ҳамин онҳоро ба ном баён кунед.

Барои наздикон ва ёру дӯстоне дуо кунед, ки ҳоло наҷот наёфтаанд. Мо набояд аз ёдовар кардани онҳо дар ҷамоати дуохонӣ шарм кунем. Агар мо дар ҳақиқат хоҳем, ки онҳо наҷот ёбанд, бо дуо дастгирӣ намудани ҷамоатро танҳо муборакбод мегӯем.

Барои роҳбарони ҷамоат дуо кунед, зеро онҳо бисёр ӯҳдадориҳои муҳим доранд, ки хирад ва сабру тоқат металабад. Онҳо дар дуо барояшон хоҳиш кардани шуморо сазоворанд.

Барои хушхабаррасонони ҷамоататон дуо кунед. Агар шумо бо онҳо мукотиба дошта бошед, дар бораи эҳтиёҷ ва мушкилоташон хабардор шавед.

Барои мактаби илоҳии бачагона, муаллимони он ва кӯдаконе, ки дар он таҳсил мекунанд, дуо кунед.

Барои камбағалон дуо кунед. Агар ин касеро дар ҷамоат хиҷил мекарда бошад, номҳоро баён накунед.

Барои он аъзоёни ҷамоати худ дуо кунед, ки дар хизмати ҳарбианд, зеро онҳо бо хатар, васваса ва ҳар гуна душворӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Онҳо ба дуоҳои шумо эҳтиёҷ доранд.

Барои онҳое дуо кунед, ки дар хизмати Худо мебошанд, масалан барои муаллимони имон ва хушхабаррасонон.

Дуоҳои шумо бояд шукргузориро низ дар бар гиранд. Оиди ин дар Филиппиён 4:6 гуфта мешавад: “Ҳеҷ ғам нахӯред, аммо ҳамеша дар дуо ва илтимос бо шукргузорӣ хоҳишҳои худро ба Худо ошкор намоед”. Худованд миннатдории халқи Худро интизор аст. Барои ҳамаи марҳаматҳои Ӯ шукр накардан гуноҳ аст.

4. Барои ба дуоҳо ҷавоб гирифтан **шартҳои муҳим** мавҷуданд. Аввал, мо бояд дар Исои Масеҳ бимонем. Худованд гуфта буд: “Агар дар Ман бимонед ва суханони Ман дар шумо бимонанд, ҳар чӣ мехоҳед, талаб кунед, ва он ба шумо дода хоҳад шуд” (юҳанно 15:7). Дар Масеҳ мондан, яъне фармудаҳои Ӯро иҷро кардан, хости Ӯро ба ҷо овардан, ба Сухани Ӯ итоат кардан аст.

   Дуюм, мо бояд мувофиқи хости Ӯ талаб кунем, яъне барои он чизе ки писандидаи Ӯст: “Ва ҷуръате ки мо ба ҳузури Ӯ дорем, дар он аст, ки агар мо мувофиқи хости Ӯ чизеро талаб кунем, Ӯ моро мешунавад” (1юҳанно 5:14). Хости Худо дар Китоби Муқаддас ифода ёфтааст, бинобар ин хоҳишу дархостҳои мо бояд дар Навиштаҷот асос ёфта бошанд.

   Сеюм, бояд ба номи Исои Масеҳ талаб намуд: “Ва ҳар чиро, ки ба исми Ман биталабед, ба ҷо хоҳам овард, то ки Падар дар Писар ҷалол ёбад” (юҳанно 14:13). “...Ҳар он чӣ аз Падар ба исми Ман талаб кунед, ба шумо хоҳад дод” (юҳанно 16:23). Ба номи Масеҳ талаб кардани мо ба он баробараҳамият аст, ки Худи Ӯ аз Падар талаб мекунад.

   Ниҳоят, ниятҳои мо бояд тоза бошанд. Китоби Муқаддас ба мо хотиррасон мекунад, ки ҷавоби дуоҳоямонро мегирем, агар на барои бадӣ ва на барои нафси худ, балки бо нияти нек хоҳиш кунем (Яъқуб 4:3). Агар ниятҳои мо худпарастона ё гуноҳолуд бошанд, мо ба онҳо ҷавоб нахоҳем гирифт.

5. Барои он ки ҷамоати дуохонӣ қувваи илоҳӣ дошта бошад, бояд боз **якчанд қоидаҳоро** дар хотир нигоҳ дошт. Масалан, бо нияти он дуо накунед, ки шуморо одамон бубинанд. Агар дар хотир дошта бошед, риёкорон дар кунҷи кӯча дуо карданро дӯст медоштанд, то ки худро ба мардум нишон диҳанд (Матто 6:5).

Он чиро ки худатон карда метавонед, аз Худо бароятон кардани онро талаб накунед. Мо аз Худо талаб мекунем, ки ба ҷамоат бисёртар беимононро оварад, вале магар Ӯ мунтазири он нест, ки мо худамон инро бикунем?

Он чиро ки набояд талаб кард, наталабед. Худо метавонад чунин талаботҳоро қонеъ гардонад, вале харобие низ ба ҷон мефиристад (Забур 105:15).

Агар ҷавоби дуоятонро дарҳол нагиред, рӯҳафтода нашавед. Шояд Худо ба зудӣ ҷавоб надиҳад, то мо аз баракати ба Ӯ хизмат намудан маҳрум нагардем. Ӯ инчунин ҷавоби дуоҳоямонро аз ҳад зиёд кашол намедиҳад, то мо фикр накунем, ки бефоида ба Ӯ таваккал мекунем.

Ниҳоят, агар Худованд ба шумо на он чиро дод, ки талаб намудед, дар хотир дошта бошед, ки Ӯ аз мо дида хубтар медонад, ки ба мо чӣ даркор аст. Худо ихтиёр дорад, ки ба мо назар ба он чизе ки металабем ё умед мекунем, чизи бештаре диҳад.

Дар охир мехостам боз як бори дигар таъкид намоям, ки бе дуо пешравии рӯҳонии ҷамоат ғайриимкон аст. Ҷамоат метавонад мувофиқи тартиботи барқароршуда зиндагӣ кунад, самари зоҳирӣ оварад, вале бе талабу дархост мо барои Худо ҳеҷ чиз карда наметавонем. Ва агар мо Китоби Муқаддасро хонда, ин ҳақиқатро пай набарем, пас дер ё зуд ҳаёт моро ба ҳаққонияти он бовар мекунонад.

ДАРСИ ДАҲУМ

# **Усқуфон** (назоратчиён)

Агар мо масъалаи усқуфон ё роҳбаронро дида набароем, яъне онҳоеро, ки барои ҷамоат ғамхории рӯҳонӣ зоҳир менамоянд, сӯҳбати мо оиди ҷамоат нопурра мегардад.

## **Усқуфон кистанд?**

Пеш аз ҳама, усқуфони Аҳди Нав бо унвони усқуф, ки имрӯзҳо истифода бурда мешавад, ҳеҷ алоқае надоранд. Дар ҷамоати ҳаввориён масеҳии ботаҷрибае, ки барои некӯаҳволии ҷамоат ғамхорӣ мекард усқуф шуда метавонист. Имрӯзҳо дар аксар сохторҳои ҷамоатӣ усқуфро ба таври расмӣ таъин мекунанд, ва дар тобеияти вай якбора якчанд ҷамоатҳо қарор мегиранд. Дар Аҳди Нав калимаи “усқуф” ҳеҷ гоҳ (хусусан дар 1Тимотиюс боби 3) ба маънои ҳозиразамони саррӯҳонӣ, шахсе ки як гурӯҳ ҷамоатҳои (инчунин рӯҳонияти) ноҳияи муайянро идора мекунад, истифода бурда намешавад.

Усқуфони Аҳди Нав ҳаргиз табақаи махсуси миёнаравон байни Худову одамон набуданд. эҳтимол, Павлус усқуфонро барои даъвоҳои ояндаашон сарзаниш намуда, онҳоро дар мурочиати худ ба ҷамоати филиппиён на дар ҷои аввал, балки дуюм мегузорад: “...Ба ҳамаи муқаддасон дар Исои Масеҳ...бо усқуфон ва ходимон”.

Усқуфӣ дар ҳеҷ ҷои Китоби Муқаддас чун вазифаи фахрӣ баён нашудааст. Он хизмати хоксорона ба халқи Худост, на унвони овозадор.

Инчунин қайд мекунем, ки калимаҳои матни юнони “епископ” (усқуф, назоратчи), “пресвитер” (пир) ва “пастор” (чӯпон) дар Аҳди Нав маҳз як одамро ифода мекунанд. Масалан, дар Аъмол 20:17 пирони ҷамоат зикр шудаанд, дар Аъмол 20:28 бошад худи ҳамин одамон назоратчиён (дар тарҷумаи тоҷики ҳамчун феъли назорат кардан тарҷума шудааст) номида шудаанд. Дар Титус 1:5 Павлус ба Титус мефармояд, ки пиронро таъин

намояд ва ҳамон замон онҳоро усқуфон номида, хислатҳояшонро тасвир мекунад.

## Усқуфон чӣ тавр интихоб мешаванд?

Биёед акнун таҳлил намоем, ки усқуфонро чӣ тавр таъин ё интихоб мекунанд. Танҳо Рӯҳи Муқаддас метавонад одамро ба усқуфӣ таъин намояд (Аъмол 20:28). Ҷамоат ҳуқуқи интихоб намудани усқуфонро дорад, вале ҳеҷ як овоздиҳӣ шахсро ботинан нигаҳбон карда наметавонад. Дар Навиштаҷот Худо одамонро усқуф таъин менамояд, ва ҷамоат мувофиқи хизматгузории онҳо дар ҳақиқат аз ҷониби Худо ба ин вазифа таъин шудани онҳоро фаҳмида метавонад.

Агар суханони моро рад карда гӯянд, ки Павлус ва дигарон усқуфонро таъин мекарданд (Аъмол 14:23; Титус 1:5), пас мо ҷавоб медиҳем, ки дар он вақт матни Аҳди Нав ҳоло вуҷуд надошт. Ҷамоатҳо оиди хислатҳои усқуф дастурҳои хаттӣ надоштанд, бинобар ин онҳоро лозим меомад, ки ба эътибори ҳаввориён ва шогирдони онҳо такя намоянд. Инчунин бояд қайд намуд, ки Павлус ҳеҷ гоҳ ҳангоми зиёрати аввалинаш ба ҷамоат усқуфонро таъин намекард. Ӯ ба онҳое ки ба ин вазифа аз ҷониби Худованд муайян шуда буданд, мӯҳлат медод, то худро дар хизмат нишон диҳанд, ва танҳо пас аз он дар ҷамоат ба онҳо ишора мекард.

## Хислатҳои усқуф

Китоби Муқаддас оиди хислатҳои усқуфи ҳақиқӣ шубҳаеро намегузорад. Мо талаботҳоеро, ки Аҳди Нав аз усқуф дархост мекунад, дар 1Тимотиюс 3:1-7; Титус 1:6-9 пайдо мекунем.

Пеш аз ҳама, усқуф бояд беайб бошад. Ин маънои онро надорад, ки ӯ тамоман бегуноҳ аст, вале агар одамро дар асоси далелҳо назди мардум айбдор кардан мумкин бошад, ӯ набояд назоратчи шавад.

Дуюм, вай бояд шавҳари як зан бошад. Баъзеҳо чунин мешуморанд, ки усқуф ҳатман бояд оиладор бошад. Дигарон

бошанд дар ин танҳо манъ будани бисёрзаниро мебинанд. Нуқтаи назари дуюм дуруст мебошад, аммо якумашро ҳамчун ҳақиқати тағйирнопазир қабул кардан шубҳаовар аст.

Вай бояд вазнин ва дар рафтор мӯътадил бошад. Ба баъзе одамон талаботҳоро риоя кардан душвор аст. Ин гуна одамон метавонанд ба ҷамоат дохил шаванд, вале набояд нигаҳбон шаванд.

Ӯ бояд бомулоҳиза ва ором бошад. Бо ҳаёти худ вай шаҳодат медиҳад, ки масеҳият вақтгузаронии форам ва чизи беҳуда нест. Нигаҳбон бо масъалаҳои абадият сару кор дорад.

Ӯ бояд хушодоб бошад. Сабукфикрӣ ва бесарусомонӣ ба хизматгори хонаи Худо шоиста нест.

Меҳмоннавозӣ – боз як хислати муҳим. Бигзор хонаи ӯ мисли хонаи Лаъзор, Марям ва Марто, ки дар Байт-Ҳинӣ буд ва Исо ба он ҷо омаданро дӯст медошт, ба ҳамаи масеҳиён кушода бошад. Усқуф бояд қобилияти омӯзонданро дошта бошад. Шарт нест, ки ӯ бахшоиши махсуси муаллимиро дошта бошад, вале ӯ бояд ба воситаи Навиштаҷот ба одамон дар ҳалли мушкилоташон ёрӣ дода тавонад.

Ӯ набояд моили май бошад. Ҷамоат ба шахсе ки қудрати идора кардани хоҳишҳои худро надорад, боварӣ карда наметавонад.

Ӯ набояд зӯровариро истифода барад, яъне набояд ҷангара бошад. Масалан, задани шахси зердаст амалест, ки шоистаи вазифаи усқуф нест.

Ӯ набояд пулпараст бошад. Усқуфи ҳақиқӣ мефаҳмад, ки пул бояд барои манфиати Худованд истифода шавад. Масеҳии пулпараст ва бахил ба вазифаи усқуф тамоман номувофиқ аст.

Сулҳҷӯӣ вазифаи муҳими усқуф мебошад. Устоди Ӯ хоксор буд, шогирд бошад аз устод бузургтар нест. Дар ҷаҳони имрӯза хоксорӣ ва фурӯтанӣ қадр надоранд, вале дар Подшоҳии Худо мӯътабаранд.

Ӯ набояд ҷанҷолӣ бошад ва баҳсу мунозираро дӯст дорад. Баъзеҳо тайёранд, ки барои чизи беҳуда ҷанҷол кунанд, барои чизҳои камаҳамият мунозира намоянд. Усқуф набояд чунин бошад.

Ӯ набояд баднафс бошад. Баднафси хоҳиши доштани чизест, ки Худо додан намехоҳад. Баднафси бутпарастӣ аст. Он хости инсонро аз хости Худо боло мегузорад.

Ӯ бояд хонаводаи худро хуб идора кунад, фарзандонро бовиҷдонона дар рӯҳияи гапдарой тарбия кунад. Фарзандон бояд дар имон устувор, берун аз бадахлоқиву нофармонӣ бошанд. Ҳаққонияти ин талабот аён аст, зеро “агар кас хонаводаи худро идора карда натавонад, магар барои Ҷамоати Худованд ғамхорӣ карда метавонад?” (1Тимотиюс 3:5).

Ӯ набояд аз байни навимонон бошад. Ин вазифа балоғати рӯҳониро металабад. Шахс метавонад солхӯрда бошад, вале агар нав ба Масеҳ рӯ оварда бошад, мумкин аст таҷрибаи рӯҳонии кофӣ надошта бошад. Хатар дар он аст, ки дар ин ҳолат шахси навимон мағрур шуда, бо шайтон маҳкум мегардад.

Ӯ бояд аз беруниён шаҳодати нек дошта бошад, то ҷаҳон донад, ки ӯ шахси дар ҳақиқат масеҳӣ аст.

Ӯ набояд дағал ва хашмгин бошад. Вай бояд росткор, одил ҳимоятгари ҳақиқат ва пайрави Сухани Ҳақиқат бошад.

Ҳама хислатҳои дар боло баёншударо ҷамъбаст намуда, бояд гуфт, ки усқуф бояд худаш ва хонаводаашро идора кунад ва Ҳақиқатро ҳимоя карда тавонад.

Муҳим аст боз як бори дигар қайд намоем, ки дар Китоби Муқаддас оиди он ки усқуф таъин мешавад ва ҳар як рӯҳонии касбӣ метавонад усқуф шавад, ҳеҷ чиз гуфта нашудааст. Дар он дар бораи зарурати унвони илмӣ, диплом ё пули калон ҳеҷ чиз гуфта намешавад. Намуди зоҳирии одам ва вазъияти молиявии вай аҳамияте надорад. Шахс метавонад камбағал, бенамуд, хамидақомат ё кӯчарӯби солхӯрда бошад, вале усқуф шавад. Биёед оиди ин масъала ҷиддӣ андеша намоем. Яке аз камбудиҳои ҷамоати ҳозиразамон – бемаҳоратӣ дар интихоб кардани роҳбарон дар мувофиқат бо хислатҳои рӯҳонии онҳо мебошад. Аксаран ба вазифаи усқуф касонеро интихоб мекунанд, ки дар шуғли корҳо муваффақият доранд, вале сатҳи рӯҳонии онҳоро ба назар намегиранд. Дар натиҷа ҷамоат бой мешавад, вале бе қуввати рӯҳонӣ.

# Вазифаҳои усқуф

Вазифаҳои усқуф кадоманд? Якум, нигоҳубин кардани рамаи Худо (1Петрус 5:2; Аъмол 20:28), яъне бо Сухан хизмат намудан. Шарт нест, ки усқуф инро ба воситаи дар ҷамъомад панду насиҳат додан кунад, чунки ӯ метавонад имондоронро ба таври оддӣ, дар хонаҳояшон хабар гирад.

Дуюм, нигаҳбонӣ кардани рамаи Худо. Агар давоми номаи Петрусро хонем, чӣ маъно доштани ин вазифаро мефаҳмем. Ин вазифаро бояд чунин ба ҷо овард:

- на ба таври маҷбурӣ, балки ихтиёрӣ;
- на бо нияти пулпарастӣ, балки аз сидқи дил;
- на ҳамчун касоне, ки бар мероси Худо ҳукмронӣ мекунанд (усқуф мудир ё раис нест), балки бо нишон додани намунаи ибрат ба рама. Усқуф бояд дар хотир дошта бошад, ки чӯпони хуб рамаро намедавонад, балки ба вай роҳ нишон дода, роҳнамоӣ мекунад;

Аз нуқтаи назари одамӣ, агар ҳокимият марказиятнок гардад, то ин ки усқуф фармон диҳаду дигарон ба ин фармонҳо итоат кунанд, хеле осонтар мебуд, аммо ин ба Худо мақбул нест. Роҳбарон ба ҷамоат намунаи ибрат нишон дода, онро назорат мекунанд. Мо ҷамоати рӯҳан солимро дар ҷое мебинем, ки он ҷо роҳбарон ростқоранд, Худовандро дар ҳаёташон ба ҷои аввал мегузоранд ва файзи Худованд Исои Масеҳро зоҳир мекунанд; ва баръакс, агар роҳбарон бо масъалаҳои ҷаҳонӣ машғул бошанду барои хондан ва таҳлили Китоби Муқаддас вақташон нарасад, пас ҷамоат низ рӯҳан хунук ва мурда мешавад.

Усқуф бояд сустимононро дастгирӣ намояд. “Бо тамоми рафтори худ ман ба шумо нишон додаам, ки мо бояд ҳамин тавр меҳнат карда, нотавононро дастгирӣ намоем ва суханони Исои Худовандро дар хотир нигоҳ дорем, ки Ӯ гуфтааст: “Додан аз гирифтан беҳтар аст” (Аъмол 20:35). Ӯ бояд ба мӯҳтоҷон ёрдам диҳад, вале барои ин ӯро лозим меояд, ки бо рама якҷоя зиндагӣ намояд, на ҷудогона аз он.

Ниҳоят, усқуфон бояд мазаммат, манъ ва насиҳат кунанд (2Тимотиюс 4:2; Титус 1:13). Онҳо бояд ҳамаи он чизеро, ки ба

ҳақиқат мувофиқат намекунад, манъ кунанд. Ускуф бояд Ҳақиқатро тасдиқ ва ҳимоя намояд.

## Муносибати ҷамоат ба ускуфон

Аз 1Тимотиюс 5:17,18 аён аст, ки ҷамоат бояд барои вазъияти моддии баъзе ускуфон ғамхорӣ намояд: “Пироне ки нағз сардорӣ мекунанд, эҳтироми дучандро сазоворанд, алалхусус онҳое ки дар сухан ва таълим меҳнат мекунанд. Зеро дар Навиштаҳо гуфта шудааст: “Вақте ки барзагов хирман мекӯбад, даҳонашро набанд” ва “Меҳнаткаш музди худро сазовор аст”. Ускуфони дигар бошанд ризқу рӯзиро бо меҳнати дастони худ дарёфт мекунанд. Мисоли ин ҳаввории Павлус мебошад (1Қӯринтиён 4:12).

Бародари калониро набояд мазаммат кард, балки вайро ҳамчун падар бояд насиҳат дод (1Тимотиюс 5:1). Ҷамоат шикоятро дар ҳаққи пире танҳо агар ду ё се шоҳид бошад, қабул карда метавонад (1Тимотиюс 5:19).

Ускуфонро бояд гӯш кард ва иззат намуд: “Ва онҳоро барои фаъолияташон бо камоли муҳаббат иззат кунед” (1Таслӯникиён 5:13). “Сардорони худро, ки Сухани Худоро ба шумо панду насиҳат кардаанд, ба ёд оваред: ба анҷоми рафтори онҳо назар карда, ба имонашон пайравӣ намоед. Исои Масеҳ дирӯз, имрӯз ва то абад айнан Ҳамон аст” (Ибриён 13:7,8).

Ниҳоят, мукофоти ускуфон бузург аст: “Ва ҳангоме ки Сардори чӯпонон зоҳир шавад, шумо тоҷи ҷалолро, ки паæмурда намешавад, хоҳед гирифт” (1Петрус 5:4).

ДАРСИ ЁЗДАҲУМ

# Диаконҳо (хизматгузорон)

Инак, мо дида баромадем, ки вазифаи усқуф барои хонаи Худо ғамхории рӯҳонӣ кардан аст; усқуфон пирони ҷамоат ва назоратчиён номида мешаванд; ва дар як ҷамоат якчанд усқуф буда метавонад, на ин ки як усқуф сардори якчанд ҷамоат.

Акнун мо ба омӯзиши масъала оиди диаконҳо, яъне хизматгузорон мегузарем, ки онҳо кистанд ва вазифаи онҳо аз чӣ иборат аст.

1. **Хизматгузорон кистанд?** Калимаи хизматгузор дар матни аслии Аҳди Нав бо калимаи “диакон” ифода шудааст, яъне шахсе ки хизмати муайян мебарад. Масалан, дар Румиён 13:4 фармонравоён хизматгорони Худо номида мешаванд. Фубиро ҳамчун хизматгузори ҷамоати Канхария муаррифӣ шудааст (Румиён 16:1). Худи Масеҳ “хизматгузор (дар матни аслӣ “диакон”) барои хатнашудагон” номида шудааст (Румиён 15:8). Дар Аъмол 6:2-6 гуфта мешавад, ки чӣ тавр ҳафт кас хизматгузор интихоб шуданд, то ин ки бо масъалаҳои молиявии ҷамоат машғул шаванд. Аммо маънои калима васеътар аст: ҳар шахсе, ки дар ҷамоати маҳаллӣ усқуф намебошад, вале хизмат мекунад, хизматгузор аст.

2. **Хислатҳои хизматгузор** муфассал дар 1Тимотиюс 3:8-13 тасвир шудаанд: “Лозим аст, ки хизматгузорон низ бовиҷдон бошанд, на дузабон, на шавқманди шаробнӯшӣ, на пулпараст, балки сирри имонро дар виҷдони пок нигоҳ доранд. Валекин онҳо ҳам бигзор аввал санҷида шаванд ва баъд, агар беайб бошанд, хизмат кунанд. Ҳамчунин занонашон бояд бовиҷдон бошанд, на ғайбаткунанда, балки ҳушёр ва аз ҳар ҷиҳат бовафо. Хизматгор бояд соҳиби як зан бошад, фарзандон ва хонаводаи худро ба хубӣ идора кунад; зеро онҳое ки нағз хизмат карда бошанд, барои худ мартабаи олӣ ва ҷуръати азим дар имоне, ки дар Исои Масеҳ аст, муҳайё мекунанд”.

Аз хизматгузор пеш аз ҳама бовиҷдонӣ талаб карда мешавад. Ин хислат дар тарҷумаи дигар ҳамчун ҷиддият ифода шудааст. Ҷамоат ба шахси сабукфикр боварӣ зоҳир карда наметавонад.

Сипас, хизматгузор бояд на дурӯя, балки дар суханонаш устувор бошад. Ӯ набояд ба якеҳо як чизу ба дигарон чизи дигаре гӯяд. Ростгӯӣ ва бовиҷдонӣ хислатҳои ҳатмии хизматгузоранд. Онҳо бениҳоят муҳиманд, чунки хизматгузор бо пул сарукор дорад, ва ҳеҷ чиз набояд заррае ҳам шубҳа ё нобоварӣ ба миён оварад.

Ӯ набояд шавқманди шаробнӯшӣ бошад. Шахсе, ки қудрати идора кардани худро надорад, сазовори боварӣ шуда наметавонад. Таҷриба нишон медиҳад, ки беназоратии рафтор душмани боинтизомиву бовариноки аст. Онҳо ба шаҳодати имондор дар бораи Худованд халал расонда, вайро барои хизмат номуносиб месозанд.

Хизматгузор набояд пулпараст бошад. (Аҳамият диҳед, ки аксар хислатҳои зарурии хизматгузор ҳамон хислатҳоеанд, ки усқуф бояд дошта бошад). Хасисӣ як намуди дом аст. Агар одам саргарми ҷамъ овардани боигарӣ шавад, чунин хоҳиш метавонад дар ҳаёташ ҷои асосиро гирифта, тамоми фикру ҳиссиёти ӯро ба худ тобеъ кунад. Дар чунин ҳолат Подшоҳии Худо ва адолати Масеҳ дуюмдараҷа гашта, хизмат ба Худо имконнопазир мешавад.

Хизматгор бояд сирри имонро бо виҷдони пок нигоҳ дорад. Донистани ҳақиқат ҳоло кифоят нест, мо бояд ҳақиқатро дар ҳаёт амалӣ гардонем ва Худоро бо ҳеҷ чиз наранҷонем. Ҳумниюс ва Филитус, ҳар ду, Сухани Худоро медонистанд, вале аз он рӯ тофта, ба таълимоти бардурӯғ афтоданд (2Тимотиюс 2:17). Онҳо виҷдони некро рад намуданд ва “киштии имонашон ғарқ шуд” (1Тимотиюс 1:19,20). Виҷдони некро, ки қобилият дорад падидаҳои зидди Худовандро бинад ва ҳақиқатро аз онҳо ҳимоя кунад, ҳеҷ чиз иваз карда наметавонад.

Ва дар давомаш мехонем: “....Онҳо ҳам бигзор аввал санҷида шаванд ва баъд, агар беайб бошанд, хизмат кунанд” (1Тимотиюс 3:10). Аввал санҷидан қоидаи хеле муҳим аст. Дар ҷои дигари Китоби Муқаддас гуфта мешавад, ки “дастҳоро бар

ҳеҷ кас шитобкорона нагузор” (1Тимотиюс 5:22). Ин огоҳиест барои ҳамаи мо. Мо майл ба он дорем, ки касро бори аввал дида, ба ӯ меҳр бандем ва дарҳол вазифаи масъулиятнокеро супорем. Аммо муддате нагузашта нохост ҳис мекунем, ки шитобкорӣ кардаем, зеро “на ҳар чизи ҷилодор тиллост”.

Сипас дар бораи он гуфта мешавад, ки занҳои хизматгузорон бояд “бовиҷдон, на ғайбаткунанда, балки ҳушёр ва аз ҳар ҷиҳат бовафо” бошанд. Аммо тахмин кардан мумкин аст, ки дар ҳолати мазкур сухан на дар бораи занони хизматгузорон, балки дар бораи занҳо-хизматгузорон меравад (Румиён 16:1). Вагарна фаҳмидан мушкил аст, ки чаро ба занҳои хизматгузорон талаботи муайян пешниҳод карда мешаваду ба занони усқуфон не? Агар ояти баёншударо ба занҳо-хизматгузорон нисбат диҳем, ин номувофиқатӣ ҳал мегардад. (Лекин баъзеҳо чунин мешуморанд, ки гуфтаҳои ин оят ҳам ба занони хизматгузорон ва ҳам ба занони усқуфон дахл дорад.)

Хизматгузор низ монанди усқуф бояд шавҳари як зан бошад ва хонаводаашро хуб идора кунад. Он чизеро, ки гуфта будем, боз такрор мекунем: агар шахс дар оилаи худ ҳокимият ва обрӯ надошта бошад, гумон аст, ки ӯ онро дар ҷамоат пайдо кунад.

3. **Мукофоти хизматгузорон.** Хизматгузорро мукофоти дучанд интизор аст. Агар ӯ хуб хизмат кунад, пас, аввалан, ӯ муҳаббату эҳтироми имондоронро ва умеди мукофотро ҳангоми бозгашти Масеҳ пайдо мекунад. Сониян, ӯ дорои ҷуръати азиме дар имон дар Исои Масеҳ мегардад. Албатта, чунин мукофот барои ҷаҳониён арзише надорад, вале барои фарзандони Худо имон аз зару зевар дида пурқиматтар аст.

Дастгирии молиявии хизматгузорон айнан ҳамон таврест, ки ба усқуфон дахл дорад. Баъзеҳо худро пурра ба хизмати Худованд мебахшанд, дигарон бошанд метавонанд берун аз ҷамоат бо меҳнати дастони худ ризқу рӯзӣ пайдо кунанд. Ҳам ба аввалиҳо ва ҳам ба дуюмиҳо қоидаҳои зерин пешкаш мешаванд: “Ҳамчунин Худованд фармудааст, ки хушхабаррасонони Инҷил аз хушхабаррасонӣ зиндагӣ кунанд” (1Қӯринтиён 9:14). “Он ки бо Сухани Худо насиҳат мегирад,

бигзор насиҳатдиҳандагонро дар ҳар нозу неъмат шарик созад” (Ғалотиён 6:6).

4. **Хулоса,** омӯзиши масъалаи хизматгузоронро ба охир расонда, бори дигар Филиппиён 1:1-ро ба хотир меоварем, ки ба се намуд одамони ба ҷамоати Худованд тааллуқдошта ишора мекунад: муқаддасон, усқуфон ва хизматгузорон. Инак, аввал муқаддасон, сипас усқуфон ва пас аз онҳо хизматгузорон. Ҷолиби диққат аст, ки дар бораи рӯҳониён чизе гуфта нашудааст. Суханони Барнсро ба хотир меорем: “Ҳаворӣ Павлус дар 1Тимотиюс боби 3 хислатҳоеро, ки роҳбарони ҷамоат бояд доро бошанд, аниқ баён намудааст. Онҳо усқуфон ва хизматгузорон номида шудаанд. Усқуфон нигаҳбонони рӯҳонӣ мебошанд ва бо панду насиҳати Сухани Худо хизмат мекунанд. Оиди хизматгузорон дар ҳеҷ ҷо гуфта нашудааст, ки онҳо панду насиҳат медоданд. Дар бораи онҳое, ки аз усқуфон ва хизматгузорон болотаранд, сухане ҳам гуфта нашудааст. Ҳаворӣ Павлус чӣ тавр ташкил додани ҷамоат, талаботҳои ба усқуфон ва хизматгузорон пешниҳодшударо муфассал мефаҳмонад. Агар дар ҷамоат будани боз ягон роҳбари калонтаре лозим мебуд, Павлус оиди ин хомӯш монда наметавонист, аммо вай ҳатто дар бораи ин ишорае ҳам намекунад. Агар Тимотиюс худаш чунин роҳбари калон мебуд, пас вай мебоист ба худ ҷонишине пайдо мекард, ва медонист, ки онҳо кадом хусусиятҳоро бояд доро мебуданд. Инчунин дар ин ҳолат фаҳмондан душвор мебуд, ки барои чӣ Павлус дар бораи онҳо чизе ҳам нанавиштааст”.

   Ҷавобаш ба мо равшан аст. Агар дар Аҳди Нав ғайр аз хелҳои номбаршудаи имондорон боз ягон хели дигаре мавҷуд мебуд, Павлус ҳатман онҳоро номбар мекард. Сохторҳои ҷамоатии мураккабу беҳад калони ҳозира – иловаҳои одамӣ буда, ба Китоби Муқаддас ягон алоқае надоранд.

## Масъалаҳои молиявии ҷамоат

Аз Аҳди Нав аён аст, ки ҷамоат фақат аз аъзоёни худ кӯмаки пулӣ мегирад. Дар ҳеҷ куҷои Навиштаҷот гуфта нашудааст, ки пул аз берун, аз беимонон ворид мешуда бошад. Хайроти масеҳӣ амали

ибодат аст, бинобар ин онро танҳо онҳое карда метавонанд, ки ба воситаи Хуни бебаҳои Масеҳ наҷот ёфтаанд. Инчунин дар ҳеҷ ҷо гуфта намешавад, ки як ҷамоатро аз ҷиҳати моливу пулӣ ҷамоати дигар, гурӯҳ, ё гурӯҳи ҷамоатҳо таъмин мекарда бошад. Ҳар як ҷамоати маҳаллӣ худашро худаш таъмин менамояд. Мо дар поён ҷиҳатҳои асосии таълимоти Аҳди Навро оиди ин масъала баён мекунем.

1. **Ҳар он чизе ки масеҳӣ дорад, аз они Худост.** Имондор бояд монанди амалдор бошад ва он чизеро, ки дорост, ба таври беҳтарин, барои Хӯҷаини худ истифода барад (Луқо 16:1-12). Ф. Майер чунин навишта буд: “Мо бояд амалдорони Худованд бошем ва барои худ пул ҷамъ накунем, балки ҳамаашро, ба ғайр аз ба худамон ва наздиконамон зарурӣ, диҳем. Мо бояд пули Худовандро ба таври беҳтарин, чунон истифода барем, ки ҳангоми барои пурсидани мо омадани Ӯ бо хурсандӣ ҳисобот дода тавонем”.

2. **Масеҳӣ бояд барои хизматгузорӣ ба Худованд хайрия кунад.** Кай? “Дар рӯзи якуми ҳафта бигзор ҳар яке аз шумо назди худ пасандоз карда нигоҳ дорад” (1Қӯринтиён 16:2). Хотиррасон мекунем, ки рӯзи якуми ҳафта дар Аҳди Нав – якшанбе аст. Чӣ қадар? “Мувофиқи даромадаш” (1Қӯринтиён 16:2). Масеҳ то чӣ андоза хайр мекард? “Ӯ сарватдор буда, барои мо бенаво шуд, то ки мо ба воситаи бенавоии Ӯ сарватдор шавем” (2Қӯринтиён 8:9). Масеҳ намунаест барои мо. Мо бояд “аз камбағалии худ” хайрия диҳем, на “аз зиёдатии худ” (Марқус 12:44). Масеҳӣ бояд саховатмандона хайр кунад. Миқдори камтарине, ки шахси исроилӣ медод, даҳяки даромади ӯро ташкил мекард. Масеҳие, ки таҳти файз қарор дорад, наметавонад бо миқдори камтарини мувофиқи шариат муқарраршуда қаноат кунад.

3. **Хайротро чӣ тавр бояд кард?** Пеш аз ҳама бояд худро ба Худованд супурд (2Қӯринтиён 8:5), яъне эътироф намуд, ки ҳар он чӣ дорем, ба Худованд тааллуқ дорад. Сипас мо бояд бо муҳаббат хайр кунем, вагарна дар он ҳеҷ манфиате нахоҳад буд (1Қӯринтиён 13:3). Мо бояд пинҳонӣ, чунон хайрот кунем, ки

дасти чапамон аз он чи дасти ростамон мекунад, хабардор нашавад (Матто 6:1-4). Бояд на бо ғамгинӣ, балки бо хурсандӣ хайр кард, зеро Худо он касро дӯст медорад, ки сахӣ бошад (2Қӯринтиён 9:7). Мо дар китоби Аъмол мехонем, ки имондорон молу мулкашонро фурӯхта, пулашро бо ҳам медиданд: дар онҳо ҳама чиз умумӣ буд. Дар чунин рафтор бародарии рӯҳонии онҳо зоҳир мегашт. Албатта, имрӯзҳо чунин рафтор намудан ҳатмӣ нест, вале дигараш муҳим аст: масеҳиёни пур аз Рӯҳи Муқаддас барои ба ҳар як эҳтиёҷманд ёрӣ расондан тайёранд.

4. **Мукофоти хайрот.** Агар мо дар сарвати ноинсофона вафодор бошем, пас Худо ба мо ҳақиқатро (сарвати рӯҳониро) боварӣ мекунад (Луқо 16:11). Самар фоидаи хайркунро меафзояд (Филиппиён 4:17). Ӯ дар Осмон соҳиби ганҷ хоҳад шуд (Матто 6:19-21), зеро хайроти вай "ҳамчун бӯи муаттар, ҳамчун қурбонии хуши писандидаи Худо" аст (Филиппиён 4:18).

5. **Касоне, ки бо масъалаҳои молиявии ҷамоат сарукор доранд,** бояд усулҳоеро истифода баранд, ки боиси маломат нахоҳанд буд. "Зеро мо кори некро на танҳо ба ҳузури Худованд, балки пеши мардум низ пешбинӣ мекунем" (2Қӯринтиён 8:21). Барои кор фармудани маблағи дохилшуда бояд камаш ду касро таъин намуд. Мо дар Аъмол 6:1-6 мехонем, ки барои ба бевазанони ҷамоат пул тақсим намудан ҳафт кас интихоб шуда буданд. Дар номаҳои Аҳди Нав аниқ баён нашудааст, ки бо масъалаҳои моливу пулӣ чанд нафар одам сару кор доштанд. Вале аз 1Қӯринтиён 16:3 ва 2Қӯринтиён 8:18,19 аён аст, ки одатан инро ба якчанд аъзоёни ҷамоат (яъне на ба як шахс) боварӣ менамуданд. Ҳамин тавр, Павлус дар порчаи якум шумораи ҷамъро истифода мебарад, дар порчаи дуюм бошад дар бораи он мегӯяд, ки барои дар корҳои хайрия ба ӯ ҳамроҳӣ кардан боз як бародар интихоб шуд.

6. **Маблағи ҷамоат чӣ тавр бояд харҷ шавад?** Аҳди Нав ба се пункти асосии хароҷот ишора мекунад: барои бевазанони

ҷамоат, имондорони камбағал ва онҳое, ки Сухани Худоро панду таълим медиҳанд.
*Барои бевазанон* (Аъмол 6:1-7). Ба "бевазанони ҳақиқӣ" (1Тимотиюс 5:3-16) заноне тааллуқ доранд, ки ба талаботҳои зерин ҷавоб медиҳанд: 1. Онҳо бояд бекас бошанд, хешу табори онҳоро дастгирӣ мекарда надошта бошанд, яъне танҳо ба Худо умед банданд (нигаред ба оятҳои 4,5,16). 2. Онҳо бояд на камтар аз шастсола бошанд. 3. Онҳо бояд бо кирдори нек, тарбияи хуби фарзандон, меҳмоннавозӣ ба ғарибон ва ёрӣ ба кулфатзадагон маълум бошанд.

Маблағҳои ҷамоат инчунин *барои имондорони камбағал* харҷ карда мешаванд. Худованд дар Сухани Худ борҳо моро даъват мекунад, ки камбағалон ва эҳтиёҷмандонро дар хотир дошта бошем (Ғалотиён 2:10; Румиён 12:13). Дар Аҳди Қадим Ӯ пешрафти халқи Худро бо муносибати онҳо ба бародарони эҳтиёҷмандашон вобаста менамояд (Такрори Шариат 14:29).

Тақрибан дар соли 45-уми солшумории мо ба имондорони Яҳудия хатари қашшоқӣ таҳдид мекард. Эҳтимол, ин бо сабаби таъқибҳои бераҳмона ва гуруснагии зуд паҳн шудаистода ба вуҷуд омад. Ҳамон вақт имондорони Антиохия ба воситаи Барнаббо ва Шоул барои онҳо кӯмак фиристоданд (Аъмол 11:27-30). Павлус ҷамоати Қӯринтро низ ба ҳамин даъват мекард (1Қӯринтиён 16:1-3; 2Қӯринтиён 8:9). Мо бояд ҳамеша барои эҳтиёҷмандон ғамхорӣ намоем. Худованд гуфтааст: "...камбағалон ҳар вақт дар назди шумо ҳастанд" (Марқус 14:7). Барои аъзоёни камбағали ҷамоат ғамхорӣ намудан машқи хуби рӯҳонист. Барнс менависад, ки хайркунии якҷоя, ки дар он ҳама иштирок мекунанд ва ҳама шавқманданд – беҳтарин воситаест бар зидди ҷудоӣ ва ҳасад байни бародарон. Инчунин зикр карданием, ки ҷамоат барои шахсоне ки бо сабаби танбалии худ камбағаланд, ҷавобгар нест. Дар чунин ҳолат қоидаи зерини илоҳӣ амал мекунад: "Агар касе нахоҳад кор кунад, бигзор хӯрок ҳам нахӯрад" (2Таслӯникиён 3:10).

Маблағҳои ҷамоат инчунин *барои онҳое* сарф мегарданд, *ки ҳаёти худро ба хизмати Худованд бахшидаанд.* Имондорон ба онҳое, ки Инҷилро панд медиҳанд ва Суханро меомӯзонанд, кӯмаки молиявӣ мерасонанд: "Он ки бо сухани Худо насиҳат

дода мешавад, бигзор насиҳатдиҳандаро дар ҳар нозу неъмат шарик созад" (Ғалотиён 6:6; инчунин нигаред ба 1Қӯринтиён 9:4-14; 1Тимотиюс 5:17,18).

Аммо Павлус аз кӯмаки ҷамоатҳо дида бештар бо меҳнати дастони худ ризқу рӯзӣ пайдо мекард. Сабабҳои чунин амал хеле соддаанд. Ӯ мехост, ки ба Эфсӯсиҳо намунаи ибрат бошад, то онҳо нотавононро дастгирӣ намоянд ва баракати хайр карданро донанд (Аъмол 20:33-35). Павлус асосе ҳам намедод, ки ӯро дар пулпарастӣ айбдор кунанд (2Қӯринтиён 11:7-12). Вай имондорони Таслӯникияро бо ғамхорӣ барояш ташвиш додан намехост (1Таслӯникиён 2:9; 2Таслӯникиён 3:7-9), зеро онҳо камбағал буданд ва доимо ба таъқибот гирифтор мешуданд.

Павлус ҷамоати Филиппияро барои ба ӯ ёрӣ расонданашон таъриф намуда, ташаккур мегуфт (Филиппиён 4:10-19), аммо ӯ ёриро на бо сабаби мӯҳтоҷиаш хоҳон буд, балки мехост, ки ин ёрӣ ба ҳисоби росткории онҳо илова карда шавад.

Бояд гуфт, ки ҳаввориӣ Павлус дар бораи эҳтиёҷоти худ ҳеҷ гоҳ сухане нагуфта бошад ҳам, ҳамеша эҳтиёҷоти дигар имондоронро ошкор менамуд (2Қӯринтиён 8:9). Дар айни ҳол вай ба хайр кардан маҷбур накарда, танҳо хабардор мекард.

7. **Хулоса.** Аҳди Навро хонда пай бурдан осон аст, ки сохти молиявии ҷамоат содда мебошад. Дар он ҳеҷ гуна қоидаҳои қатъиву гарон вуҷуд надоранд ва ягон ташкилоти мураккабу сохта мавҷуд нест. Таълимоти Навиштаҷотро оиди ин масъала бо ду қоидаи мухтасар ифода кардан мумкин аст:

а. эҳтиёҷоти ҷамоат бо хайроти озод ва ғайримаҷбурии имондорон қонеъ мегарданд.

б. Имондорон набояд чунон амал намоянд, ки ҷаҳониён ҷамоатро ҳамчун ташкилоти ҳисоби хоҷагӣ ҳисобанд.

ДАРСИ ДУВОЗДАҲУМ

# Хизматгузории занон

Дар Аҳди Нав оиди мақом ва хизматгузориии занон дар ҷамоат як қатор дастурҳо дода шудаанд. Ҳоло мо онҳоро ҷамъбаст мекунем.

1. Дар масъалаи наҷот ва имон овардан ба Исои Масеҳ занон ва мардон мавқеи баробар доранд. “...На мард ҳаст на зан, зеро ки ҳамаи шумо дар Исои Масеҳ як ҳастед” (Ғалотиён 3:28). Аммо ин маънои онро надорад, ки фарқияти байни зану мард дар ҷамоат барҳам дода шудааст. Вақте ки сухан дар бораи ҳаёти ҳаррӯза меравад, Навиштаҷот байни мардон ва занон фарқият мегузорад. Масалан, мо дар Эфсӯсиён боби 5 мехонем: “Эй занон, мутеи шавҳарони худ шавед” (ояти 22); “Эй шавҳарон, занони худро дӯст доред” (ояти 25). Ҳамин тариқ, мавқеи зану мард дар назди Худо баробар аст, вале дар ҷамоат ба онҳо мавқеъҳои гуногун ҷудо карда шудаанд: зан бояд ба мард итоат намояд (1Қӯринтиён 11:3).

2. Тобеияти зан ба тарзи зерин зоҳир мегардад:
   - вай бояд дар ҷамоат хомӯш бимонад (1Қӯринтиён 14:34,35), ин маънои онро дорад, ки ба ӯ таълим додани мардон манъ шудааст (1Тимотиюс 2:12); вай набояд дар ҷамоат, дар ҳузури ҳама савол диҳад (1Қӯринтиён 14:35); вай бояд дар хомӯшӣ бо камоли итоат таълим гирад (1Тимотиюс 2:11).
   - Зан набояд бар шавҳараш ҳукмрон бошад (1Тимотиюс 2:12).
   - Зан набояд сари луч дуо кунад ва пайғамбари намояд (1Қӯринтиён 11:5). Ҳамзамон ин онро ифода мекунад, ки зан бо сари пӯшида метавонад дар ҷамоат дуо кунад ва пайғамбари намояд. Бо вуҷуди ин дар 1Тимотиюс 2:8 гуфта мешавад: “Пас хоҳиш дорам, ки мардон дар ҳар ҷо дуо гӯянд”. Калимаи матни аслие, ки дар ин ҷо истифода бурда мешавад, маҳз мардонро ифода мекунад.

   Занҳоро ба иҷрои ин талаботҳо маҷбурӣ водор сохтан натиҷаи хуб нахоҳад овард. Аввалаш ин ки ба Худо тобеияти зӯракӣ боршуда, ки аз дил барнамеояд, мақбул нест (Забур 50:18). Сипас, худи занҳо норизоӣ ва ранҷиш баён мекунанд.

Вале агар онҳо сабаби чунин талаботҳоро дарк намоянд, бо дили дӯстдор ва хоксорона тобеъ мешаванд, ки ин дар назари Худованд гаронбаҳост (1Подшоҳон 15:22).

3. Худованд дар Сухани Худ мефаҳмонад, ки барои чӣ зан бояд ба мард тобеъ бошад.

   Пеш аз ҳама ин бо тартиби офариниш муқаррар шудааст, зеро ки мард пеш аз зан офарида шуда буд: “Зеро ки аввал Одам офарида шудааст, ва баъд аз ӯ Ҳавво” (1Тимотиюс 2:13). “Зеро ки на мард аз зан аст, балки зан аз мард” (1Қӯринтиён 11:8). Худованд мехоҳад, ки тартиби дар офариниш муқарраршуда дар ҷамоат низ нигоҳ дошта шавад: “сардори зан шавҳари ӯст” (1Қӯринтиён 11:3).

   Дуюм, сардории мард бар зан ҳамчун яке аз мақсадҳои офариниш муайян шудааст: “На мард барои зан офарида шудааст, балки зан барои мард” (1Қӯринтиён 11:9).

   Вақте ки Ҳавво бар шавҳараш Одам боло шуд, ба ҷаҳон гуноҳ ворид гашт: “Ва Одам фирефта нашудааст, балки зан фиреб хӯрда, ба гуноҳ дучор шудааст” (1Тимотиюс 2:14). Худованд намехоҳад, ки чунин зуҳурот дар офариниши нави Ӯ такрор гардад, бинобар ин Вай ба зан мефармояд, ки ба шавҳараш итоат намояд.

   Павлус шаҳодати Аҳди Қадимро оиди сардории мард бар зан мунтазам хотиррасон мекунад. Чунончи ӯ менависад, ки зан бояд ба мард “итоат кунад, чунон ки Таврот низ мегӯяд” (1Қӯринтиён 14:34). Дар Аҳди Қадим оиди ин ақида фармудаи алоҳидае набошад ҳам, тамоми он шаҳодати ин қоида мебошад.

4. Зан бояд бо сари пӯшида дуо кунад ва пайғамбари намояд. Пеш аз ҳама барои он ки фариштагон ба ӯ нигоҳ мекунанд. “Бинобар ин зан бояд бар сараш нишонаи тобеиятро ба хотири фариштагон дошта бошад” (1Қӯринтиён 11:10). Мо ин оятро хонда, фариштагони бешуморро тасаввур мекунем, ки чӣ тавр дар замин ба ҷо оварда шудани тартиботи Худовандро мушоҳида мекунанд. Агар зан ҳамчун нишонаи зери ихтиёри мард будан сарашро пӯшонад, фариштагон мебинанд, ки хатои Ҳавво дар офаридаи нав такрор нашуда истодааст.

Худи табиат низ омӯзандаи ҳамин чиз аст (1Қӯринтиён 11:14) Худованд Ҳавворо офарида, ба ӯ рӯймоли табиӣ, яъне мӯйҳои дароз дод. Павлус хулоса мекунад, ки қоидаи илоҳӣ ҳамин аст: зан ҳангоми дуо кардан ва Сухани Худоро гуфтан бояд сарашро пӯшонад.

5. Зан дар итоати мард аст. Баъзеҳо аз ин хулосае мебароранд, ки гӯё ӯ дар хизматгузорӣ ба Худованд мақоме надорад, вале чунин ақида ба Китоби Муқаддас мухолиф мебошад. Хизматгузории зан, дар назди омма набошад ҳам, бениҳоят муҳим аст. Вай ба воситаи зоидани фарзанд наҷот хоҳад ёфт (1Тимотиюс 2:15). Зан дар пеши омма хизматгузорӣ намекунад, вале ин маънои бефаъолиятӣ ё бефоида будани вайро надорад. Ӯ аҳли хонаводаашро дар рӯҳи худотарсӣ ва муҳаббат ба Ӯ тарбия мекунад. Агар зан ва шавҳараш ба Худованд пайравӣ намоянд, шояд ягон вақт писаронаш Сухани Худоро таълим диҳанд ва насиҳат кунанд. Ҳамин тариқ, ибораи "наҷот хоҳад ёфт" (1Тимотиюс 2:15) маънои наҷот ба воситаи таваллудкунӣ надошта, балки устувории мавқеи занро ифода мекунад: вай фарзандонро барои шарафи Худо тарбият мекунад ва хизмати ӯ дар ҳамин аст.

Дар Аҳди Нав инчунин тарзҳои дигари хизматгузории зан оварда шудаанд: хизмат бо дороии худ (Луқо 8:3); хизмат бо меҳмоннавозӣ (Румиён 16:1); панду насиҳат ба занони ҷавон (Титус 2:4).

6. Хизматгузории зан масъалаҳои зиёдеро ба миён меоварад. Беш аз ҳама саволҳои зерин пайдо мешаванд:

- Оё суханони Павлус нуқтаи назари шахси муҷарради нисбати занон бадгумон намебошад?

*Ҷавоб:* баръакс, ин таълимоти Рӯҳи Муқаддас, "фармудаҳои Худованд" аст (1Қӯринтиён 14:37).

- Шояд, Павлус он чизҳоеро таълим медиҳад, ки ба замони ӯ мувофиқ буданд, вале ба замони мо рост намеоянд.

*Ҷавоб:* Номаи якуми Павлус ба Қӯринтиён на танҳо ба ҷамоати Қӯринт, балки "ба ҳамаи онҳое ки номи Худованди мо

Исои Масеҳро мехонанд”, равона шудааст (1Қӯринтиён 1:2), яъне таълимоти ӯ ба тамоми масеҳиён, новобаста ба макон ва замони зисташон, тааллуқ дорад.

• Оё дар 1Қӯринтиён 11:16 гуфта намешавад, ки иҷро намудани гуфтаҳои ӯ ҳатмӣ нест, ва на ҳама ҷамоатҳо мувофиқи таълимоти Павлус амал мекарданд? “Ва агар касе мунозира карданӣ бошад, мо ва ҷамоатҳои Худо чунин одат надорем”.

*Ҷавоб:* Чунин шарҳ Китоби Муқаддасро барғалат маънидод намуда, обрӯи онро мерезонад. Дар ин оят маънои тамоман баръакс ифода ёфтааст: фармудаҳои Худовандро муҳокима кардан нашояд. Ҷамоатҳо фармудаҳои Худовандро қабул карда, ба онҳо бечуну чаро итоат менамуданд.

• Модоме ки ба зан рӯймоли табиӣ – мӯйҳои дароз дода шудааст, оё он ягона рӯймоли ҳатмӣ нест?

*Ҷавоб:* Дар 1Қӯринтиён боби 11 сухан дар бораи ду намуд рӯймол сухан меравад (оятҳои 5 ва 15-ро муқоиса кунед). Ниҳоят, дар ояти 6 мехонем: “Зеро, агар зан нахоҳад, ки сари худро пӯшонад, бигзор мӯяшро тарошад; ва агар зан аз тарошидани мӯяш шарм дошта бошад, бигзор сари худро пӯшонад”. Чӣ тавре ки мебинем, ин ҷо ба ғайр аз муйсари дарози ӯ боз дар бораи рӯймоли иловагӣ сухан меравад.

• Шояд дар 1Қӯринтиён 14:34 (“Бигзор занони шумо дар ҷамоатҳо хомӯш бошанд, зеро ҷоиз нест, ки сухан ронанд”) манъ будани беҳудагӯӣ ва ғайбат ҳангоми ҷамъомад дар назар дошта шудааст?

*Ҷавоб:* Феъли юнонии “сухан рондан”, ки дар ин ҷо истифода бурда шудааст, маънои беҳудагӯиро надорад. Худи ҳамин феъл дар ояти 21 истифода бурда шуда, сухан ронданро ифода мекунад: “Бо забонҳои дигар ва лабҳои дигар ба ин қавм сухан хоҳам ронд”.

• Инчунин саволҳои бисёри дигаре низ бармеоянд: оё зан метавонад дар назди омма хушхабар расонад; дар бораи кори

миссионерии худ нақл кунад; танҳо суруд хонад? Агар дар Китоби Муқаддас фармудаҳои рӯирост набошанд, аз рӯи қоидаҳои асосии Навиштаҷот амал намудан лозим аст. Дар вазъиятҳои шубҳаангез бояд андеша намуд, ки:

- Оё зан бар мард ҳукмронӣ намекунад?
- Оё зан вазифаи роҳбарикунандаро ишғол намекунад?
- Оё зан ба мардон сухани Худоро таълим намедиҳад?

Азбаски ин чизҳо барои занон манъ шудаанд, мо бояд аз вазъиятҳое, ки таълимоти Китоби Муқаддасро вайрон мекунанд, барканор бошем.

7. Худо ин қоидаҳоро ба хотири ҷалоли Худ ва барои манфиати халқаш додааст. Он ҷое ки онҳоро риоя намекунанд, бетартибиву ҷанҷол ба вуҷуд меояд. Бадие ки ҳангоми ҳокимиятро ба дасти худ даровардани зан бармеояд, дар таълимотҳои ҳозиразамон, хусусан "адвентизми рӯзи ҳафтум", "теософия", "илми масеҳӣ", ки дар онҳо занон нақши муҳимро мебозанд, аён аст.

    Аз тарафи дигар, аз дидани занони масеҳие, ки вазифаҳои Худо муқарраркардаро "дар зебогии безаволи рӯҳи хоксору камгап" (1Петрус 3:4) ба ҷо меоваранд, чизи форамтаре нест.

# Ба пеш, ба сӯи Масеҳ

Инак, мо ҷамоатро ҳамчун Бадани умумиҷаҳонӣ ва чун ҷамъомади маҳаллӣ дида баромадем. Мо кӯшиш намудем, ки қоидаҳои асосии Ҷамоати илоҳиро қайд намуда, ҳаёти оддӣ, рӯҳонӣ ва пурҷӯшу хурӯши ҷамоати масеҳиёни замони ҳаввориёнро тасвир намоем.

Акнун назди мо саволе бармеояд, ки чӣ тавр ҳамаи инро ба имондорони асри бист нисбат диҳем?

Барои ба ин савол ҷавоб додан ба худ ҷамоати ҳозиразамонро тасаввур мекунем: дар ҳама ҷо харобӣ, инкори Ҳақиқат, бемуваффақиятӣ. Мо танҳо ташкилотҳо ва сохторҳои масеҳии бардурӯғро мебинем, ки бузург, бой ва дар доираҳои сиёсӣ обрӯманд мебошанд, вале маҳрум аз қувваи рӯҳонианд. Тақсимот ба равияҳову мазҳабҳо тарафдорони бештареро пайдо карда истодааст, вале дар айни замон ҷамоат аз рӯи қоидаҳои

қалбакиву барғалат сохта шуда истодааст. Ҷамъомадҳо дар ҷамоат пур аз маросимҳои беҷону харобкунандаи рӯҳанд, ки дар паси онҳо фақат сояи Масеҳ пай бурда мешавад, на Худи Ӯ. Хизматгори рӯҳонӣ ба асбоби баҷоовarandaи маросимҳои динӣ, механизми тақсимкунандаи воситаҳои пулӣ мубаддал гаштааст. Имрӯзҳо ба оилаи рӯҳонӣ аксаран наҷотёфтагон ва наҷотнаёфтагон, имондорони ҳақиқӣ ва онҳое, ки бо Масеҳ муносибатҳои ҳаётбахш надоранд, якҷоя дохил мешаванд. Аксар ҷамоатҳо аз таълимотҳои модернистӣ (“ҳозиразамон”) расво гаштаанд.

Агар масеҳӣ дар чунин ҷамоат бошад, пас чӣ бояд кунад? Ҷавоб яктост: аз он баромада, ба пеш, ба сӯи Масеҳ ҳаракат намояд.

Сухани Худо қавӣ мебошад: имондорон бояд аз ҳар гуна бадӣ ҷудо шаванд, хоҳ он дар таълимот, хоҳ дар сохти ҷамоатӣ ё ахлоқу одоб бошад.

Дар ҷамоати расвошуда мондани масеҳӣ маъное надорад, то дар он ифодагари овози Худо бошад. Шумо наметавонед номи ягон қаҳрамон ё имондореро баён кунед, ки замони худро аз дохил тағйир дода бошад. Ҳамаи онҳо фарёд мезаданд: “Наистед, ба пеш!” Касе, ки ба ҷаҳон меравад, то онро баланд бардорад, ба зудӣ худ ба сатҳи он поён мефарояд. Мавқеи аз ҳама муносиб ва пурқувват – берун аз он мебошад. Архимед боре гуфта буд, ки агар ӯ нуқтаи такягоҳ медошт, ҷаҳонро чаппа карда метавонист. Агар хизматгорони Худо ба Илёс, ки берун аз дарбори шоҳ ва тамоми ҷаҳон зиндагӣ мекард, монанд бошанд, метавонанд ба замони худ таъсир расонанд.

Ба онҳое ки дар чунин вазъият дар ҷамоат монданро дуруст мешуморанд, суханони Самуилро хотиррасон кардан лозим аст: “Итоаткорӣ аз фидокорӣ дида барои Худо писандидатар аст”.

Шахсе ки қарор кард, то ба Худованд итоат намуда аз ҷамоати расвошуда барояд, чӣ бояд кунад? Китоби Муқаддас чунин маслиҳатҳо медиҳад:

1. Бо имондороне, ки дар ҳамин гуна мавқеъ қарор доранд, якҷоя ҷамъ омадан.

2. Танҳо баҳри Масеҳ ҷамъ омадан. Бигзор танҳо Ӯ ба ҷамъомад ҷалб намояд. Бо ин роҳ ҷамоати калоне ташкил намудан нашавад ҳам, гурӯҳи имондорони ҳақиқӣ ташкил мешавад, ки бо сабаби душвориҳо ва васвасаҳо аз роҳи ҳақиқат барнамегарданд.
3. Оид ба масъалаи ҷой бошад метавон дар хонаи яке аз имондорон ҷамъ шуд. Дар Китоби Муқаддас чунин мисолҳо кам нестанд (Румиён 16:19; Қӯлассиён 4:15; Филемӯн 2). Онҳое ки ибодатхонаҳои боҳашаматро меҷӯянд, ҳеҷ гоҳ тамоми бузургии Исои Масеҳро, ки барояш имондорон якҷоя ҷамъ меоянд, дарк карда наметавонанд.
4. Ҷамоат набояд ягон номе қабул кунад ва набояд сиёсатеро пеш барад, ки барои аъзои ҷамоат шудани имондори ҳақиқӣ халал мерасонда бошад.
5. Ба иттиҳоди ҳеҷ ягон равия дохил набояд шуд. Ҷамоати маҳаллӣ набояд ба корҳояш назорат ва дахолатро аз берун роҳ диҳад.
6. Кӯшиши ба як шахс супорида шудани хизматгузориро инкор намудан лозим аст. Бояд ба Рӯҳи Муқаддас имкон дод, то бахшоишҳои гуногунеро, ки Масеҳ ба ҷамоат фиристодааст, истифода барад, то ин ки ҷамоати маҳаллӣ муқаддасии тамоми имондоронро ифода карда тавонад.
7. Бояд мунтазам барои дуо, омӯзиши Китоби Муқаддас, ёдбуди шоми Худованд ва мулоқоти бародарона ҷамъ омад. Алоҳида ва якҷоя дар хушхабаррасонӣ иштирок бояд намуд.
8. Ба таври дигар гӯем, бояд ба ҷамоати Аҳди Нав монанд шуд, яъне Бадани Масеҳро ба таври сазовор ифода карда, фармудаҳои Худовандро иҷро намуд.

Масеҳиёни ҳақиқӣ дар тамоми ҷаҳон айнан ҳамин тавр рафтор мекунанд. Онҳо ғайр аз Китоби Муқаддас роҳнамои дигаре надоранд. Онҳо илоҳӣ будани қоидаҳои онро тасдиқ намуда, новобаста ба таънаву бадгӯиҳо ба онҳо пайравӣ мекунанд. Онҳо як Худованд – Масеҳ, як робита – дар Бадани Ӯ, як ҳокимият – подшоҳии Ӯро доранд. Онҳо бо хоксорӣ дар бораи ягонагии Бадани Масеҳ шаҳодат медиҳанд ва кӯшиш мекунанд ба имондори ҳақиқие, ки аз модернизм ва бадиҳои монанди ин дар

азоб аст, паноҳ диҳанд. Маълумотномае нест, ки дар он рӯйхати чунин ҷамоатҳо дода шуда бошад, онҳо бо ҳам бо алоқаҳои заминӣ пайваст нестанд. Ягонагии онҳоро Рӯҳи Муқаддас барпо месозад ва нигоҳ медорад, ва онҳо боварӣ доранд, ки ҳамин тавр бояд бошад.

Ягон чиз ба Худованди бузург халал расонда наметавонад, ки ба воситаи хизматгузории фидокоронаи халқаш садҳо чунин ҷамоатҳоро барпо кунад. Онҳое ки симои ҷамоати Ӯро дидаанд, тайёранд барои вай ҷафо бинанд, ва Худованд ба кӯшишҳои онҳо мукофот медиҳад ва умедҳои онҳоро барои ҷалоли Ӯ ба ҷо меоварад.

Кӣ медонад, шояд пеш аз бозгашти Худованд шӯриши бузурги одамони бо Рӯҳи Муқаддас раҳнамун ба муқобили масеҳияти бе Масеҳ ба амал ояд, ва чашмаи нави файзу баракат сар зада, ҷамоатҳои хурди мустақилеро ба вуҷуд оварад, ки таълимоти Китоби Муқаддасро устуворона пайравӣ мекунанд. Бигзор ба ҷамоат Оне ёрӣ диҳад, ки онро дӯст дошт ва Худро барои вай бахри ҷалоли Худо фидо намуд.